Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№7 (1156)
Панҷшанбе,
14 феврали соли 2019

www. bojuhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Пардохтҳои ғайринақдӣ - омили рушди иқтисодиёт



Рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шаффофияти иқтисодиёти кишвар ва рушди минбаъдаи он мусоидат хоҳад кард

## Робитаи мустақим



Яке аз вазифаҳои мақомоти андоз - беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон

с. 6

ПРЕЗИДЕНТ



**Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси васеи Кумитаи Иҷроияи Маркази Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон**

с. 2

ҶАЛАСА

**Таҳлили ҷиддӣ ва вазифагузорӣ**

Баррасии натиҷаҳои фаъолияти мақомоти андозии вилояти Суғд дар соли 2018 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда

с. 2

АНДОЗ ВА ҚОНУН

**Асоси ҷарима – риоя нагардидани қонун**

Назорати фаъолияти андозсупорандагон яке аз вазифаҳои муҳими мақомоти андоз ба ҳисоб меравад

с. 4

БАҲИСОБГИРИИ МОЛУ МУЛК

**Вазъи баҳисобгирӣ дар Суғд**

Баҳисобгирии пурраи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёт - дарёфти манбаъҳои воқеии андозбандӣ

с. 5

НАЗОРАТ

**Масъулият дар иҷрои ӯҳдадорӣ**

Андозсупоранда барои таъмин накардани иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил карда мешавад

с. 7

БАҚАЙДГИРӢ

**Ташаккул додани сармояи оинномавӣ**

Сармояи оинномавӣ – моликияти аввалиндараҷа ва ибтидоии корхона

с. 9

## Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси васеи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

**7 феврал дар Китобхонаи миллӣ Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар кори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар маҷлис натиҷаҳои фаъолияти Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб ва кумитаҳои иҷроияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои кишвар дар соли 2018 мавриди баррасӣ қарор гирифта, нақшаи фаъолият барои соли 2019 муайян карда шуд.

Дар маҷлис аъзои Раёсат ва Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Парламент, роҳбарони як қатор сохтору идораҳои дахлдор, кормандони масъули Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб, роҳбарон ва намояндагони кумитаҳои иҷроияи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, намояндагони васоити ахбори омма, аъзои фаъоли Ҳизб ва Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" ширкат варзиданд.

Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро Раиси Ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ намуда, рӯзномаи маҷлис оид ба "Фаъолияти ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳои сохторҳои ҳизбӣ барои соли 2019"-ро ба муҳокима гузоштанд.

Зимни суханронӣ Раиси ҳизб таъкид намуданд, ки садоқат ба ормонҳои халқ ва соҳибиродаву бомасъулият будан ду рукни асосӣ, яъне ҷавҳару меҳвари Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Зикр гардид, ки мо ҳоло дар доираи татбиқи барномаҳои ҳизб барои сатҳи нави рушди устувори иқтисодӣ ворид шудани кишварамон талош дорем, хусусан бунёди корхонаҳои бузурге, ки барои баланд шудани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат хоҳад кард.

Раиси ҳизб, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қатъият ва далелҳои мушаххас хотиррасон намуданд, ки бештари дастовардҳои назарраси кишварамон, албатта, бо Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон иртибот ногусастанӣ дорад. Ҳизб бо ташаббусҳои бузурги созандаи сиёсӣ ва бо эҳсоси баланди масъулият як силсила барномаҳои нав, ғояҳои тоза ва стратегияҳои судмандро пешниҳод кард, инчунин дар коркарди самтҳои муҳимтарин ва муносибатҳои ҳасанаи сиёсӣ фаъолона иштирок намуд, муҳимтар аз ҳама, ба пешрафти як қатор ҷанбаҳои калидии кор такони нав бахшид.

Дар шароити феълӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон беш аз 460 ҳазор аъзо дорад, ки 220 ҳазорашро занон ташкил медиҳанд. Аз ин шумора беш аз 176 ҳазори онҳо ҷавонони аз 18 то 30-сола мебошанд, ки муҳаррики ҳизб буда, дар пешрафти ҳаёти имрӯзаи Тоҷикистон нақши муассир доранд.

Ба таъкиди Раиси ҳизб, боло бурдани обру ва нуфузи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вазифаи ҷонии ҳар як аъзои ҳизб мебошад. Имрӯз ҳизб ба қувваи бузург табдил ёфтааст, ки ҷиҳати ҳалли саривақтии мушкили мардум бояд расидагӣ кунад.

Ташкилотҳои ҳизбӣ вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати ташаккули фарҳанги сиёсӣ, тақвияти маърифати ҳуқуқӣ, дӯст доштани Ватан-Модар, ҳифзи марзу бум, таҳкими истиқлоли миллӣ ва ваҳдати миллӣ корҳои таблиғотиро бештар ба роҳ монанд.

Баъд аз суханронии пурмуҳтавои Раиси ҳизб аъзои Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва ҷонибдорони фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, аз ҷумла Дилафрӯзи Абдулло — мудири шуъбаи кор бо занони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Солеҳҷон Амирҷонзода — аъзои ташкилоти ибтидоии "Сомониён"-и шаҳри Хоруғ, Фарҳод Абдувализода — сармуҳаррири рӯзномаи "Суғд ҳақиқатӣ", Сайдалӣ Шамсов — роҳбари намояндагии Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" дар шаҳри Душанбе, Махфират Давлатзода — раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Роғун, Умеда Абдурашидова — менеҷер оид ба ҳунарҳои мардумӣ дар вилояти Суғд, Сайидбек Мирзомуддинов — раиси ташкилоти ибтидоии "Иттиҳод", Ҷамшед Олимов — корманди Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бахтовар Сафарзода — раиси Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд.

Дар ҷамъбасти кори Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Раиси ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки ҳар як узви ҳизб барои татбиқи вазифаҳои стратегии давлату ҳукумат, такмил додани низоми қонунгузорӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, вусъат додани ғояҳои созандаи ватандӯстона ва тақвият бахшидани худшиносӣ ва худогоҳӣ саҳми босазои худро мегузоранд ва ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки узви Ҳизби Халқии Демократӣ будан ҳам ифтихору шараф ва ҳам масъулияти бузург дар назди халқу Ватан ва сарнавишти ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистони соҳибистиқлоли мост.

**6-уми феврали соли 2019 дар шаҳри Хуҷанд ҷаласаи васеи кормандони мақомоти андози вилояти Суғд «Оид ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти андози вилоят дар соли 2018 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда" доир гардид. Ҷаласа таҳти раёсати Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ҷараён гирифта, дар он муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон, муовини Раиси вилояти Суғд А.Яъқубӣ, сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз Н.Маликзода, роҳбарият ва кормандони Раёсати андоз дар вилояти Суғд, шуъбаҳои НАМ ва НАК дар вилояти Суғд, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят иштирок доштанд.**

# Таҳлили ҷиддӣ ва вазифагузорӣ

Рӯзномаи ҷаласа аз масъалаҳои тағйироти кадрӣ ва муҳокимаи натиҷаи фаъолияти мақомоти андози вилояти Суғд дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019 иборат буд. Раисикунандаи ҷаласа Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М. ҷаласаро оғоз намуда, тағйироти кадрии дар мақомоти андоз баамаломадаро, ба маълумоти ҳозирин расонид. Аз ҷумла, иттилоъ дода шуд, ки Бахтиёр Султон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 28.01.2019 ба мансаби муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст. Ҳамчунин, бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2019 Воҳидов Абдуқаюм ба вазифаи сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд таъин шуд.

Сипас, натиҷа ва нишондиҳандаҳои фаъолияти мақомоти андози вилояти Суғд дар соли 2018, пеш аз ҳама камбудиҳои ҷойдошта ва чораҷӯӣ нисбати ислоҳи онҳо дар давраҳои минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифт. Муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Обиди Муҳаммадсаид доир ба фаъолияти мақомоти андози вилоят дар соли гузашта гузориши мухтасар пешниҳод намуд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки мақомоти андози вилояти Суғд иҷрои нишондиҳандаҳои Қонун «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018»-ро таъмин намуда, ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, беҳтар сохтани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ва дар маҷмӯъ мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ, чораҳои самарабахш андешидааст. Дар соли 2018 қисми даромади буҷети давлатӣ бо дарназардошти буҷети иловагӣ, ки аз тарафи шаҳру ноҳияҳои вилоят ба маблағи 22,8 млн. сомонӣ қабул гардидааст, ба андозаи 104,3% таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 2 млрд. 588,9 млн. сомонӣ ворид шуд. Ҳамзамон, иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ бе дарназардошти қабули буҷети иловагӣ 105,2 фоизро ташкил дода, ба маблағи 128 млн. сомонӣ зиёд маблағҳои андоз ҷамъоварӣ шудааст. Қисми даромади буҷети давлатӣ дар нозиротҳои андози ҳамаи шаҳру ноҳияҳо таъмин гардидааст. Аз рӯи сифатнокии воридоти намуди андозҳо дар ин давра иҷрои андози даромад аз шахсони воқеӣ ҳамагӣ дар ҳаҷми 97,6 фоиз таъмин шуд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 9,7 млн. сомонӣ маблағ ворид нагардид.

Иҷрои андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон 68,1 фоиз, Хуҷанд 96,6 фоиз, Панҷакент 86,5 фоиз, Истаравшан 94,2 фоиз, Истиқлол 62,8 фоиз, Ашт 96,3 фоиз, Деваштич 85,2 фоиз ва Масчоҳ 55,0 фоизро ташкил додааст, ки аз ин ҳисоб ба буҷет ба маблағи 33,0 млн. сомонӣ маблағ ворид нагардид.

Шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнати шахсони ҳуқуқӣ дар 1963 ҳолат ба миқдори 9092 нафар зиёд гардида бошад ҳам, дар 1945 ҳолат ба миқдори 7982 нафар аз ин ҳисоб музди меҳнат ба маблағи 97,0 млн. сомонӣ кам гардидааст. Аз он ҷумла дар ноҳияҳои Спитамен ва Зафаробод 149 нафар, аз ҳисоби шуъбаи НАК 652 нафар шумораи коргари кироя ва аз ин ҳисоб даромади умумӣ дар шакли музди меҳнат, ки яке аз манбаъҳои асосии андози даромад ва андози иҷтимоӣ мебошад, нисбат ба соли 2017 ба маблағи 40,4 млн сомонӣ кам гардидааст.

Баъдан, Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба бурду бохти мақомоти андози вилоят, ҳамчунин камбудиҳои ҷойдошта дар самтҳои дахлдор хулосаҳои худро баён намуда, ба масъулон вобаста ба ҳар як масъалаи баррасишуда дастуру супоришҳои мушаххас дод. Қайд гардид, ки гарчанде дар вилоят нишондиҳандаҳои андозҳои пешбинигардида ба пуррагӣ таъмин шуда бошад ҳам, дар баъзе аз соҳаҳо то ҳол камбудиҳо мавҷуд мебошанд. Яке аз ин, таъмин нагардидани нишондоди андози даромад мебошад. Дар ҳоле, ки дар вилоят имкониятҳо барои таъмин намудани иҷрои ин намуди андоз хеле зиёданд.

Тибқи ҳисобот бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1-уми январи соли 2018 бо дарназардошти андозсупорандагони тобеи шуъбаҳои Нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна 107,4 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба аввали сол ба маблағи 21,0 млн. сомонӣ кам мебошад. Дар ин давра аз ҷониби мақомоти андози вилоят нисбати андозсупорандагони қарздор оид ба чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 55,7 млн. сомонӣ 1747 қарор қабул гардид. Аз ҳисоби ин қарорҳои қабулшуда ба буҷети давлатӣ 23,7 млн. сомонӣ рӯёнида шуд, ки 42,0 фоизро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии қарорҳои қабулшуда дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар соли 2018 ба миқдори 494 адад қисман иҷро гардидааст, ки фоизнокии иҷро аз рӯи шумора ҳамагӣ 72 фоизро ташкил медиҳад.

Раиси Кумитаи андоз Давлатзода Н.М. камбудиҳои дар самти санҷишҳои амалиётии мақомоти ҳудудии андозро оид ба ошкор намудан ва андозбандӣ ҷалб намудан таъкид намуд. Инчунин, дар сатҳи дахлдор нагузаронидани санҷишҳои амалиётиро дар самти санҷишҳои фаъолияти воситаҳои нақлиёт қайд намуда, вобаста ба ин камбудиҳо ба масъулони соҳа дастуру супоришҳои мушаххас дод. Қайд гардид, ки кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо бояд нисбати фаъолияти андозсупорандагони вобасташуда маълумоти пурра ва дақиқ дошта бошанд. Дар аксари нуқтаҳои савдо ба хизматрасонӣ ҳангоми корҳои назоратӣ мушоҳида мешавад, ки на ҳамаи онҳо шумораи аслии кормандони кироя ва даромади умумии худро дар ҳисоботи андозӣ дуруст инъикос менамоянд. Дар ин асос, кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳоро зарур мебошад, ки бештар бо андозсупорандагон корҳои ташвиқотиву таблиғотиро анҷом дода, баҳри давра ба давра пурра мавриди андозбандӣ қарор додани объектҳои андозбандӣ корбарӣ намоянд.

Раиси Кумитаи андоз ба маълумоти ҳамагон муқаррароти Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаҳмонида, қайд намуд, ки дар он ба тамоми самтҳои ҳаёти кишвар, аз ҷумла ба ҳолати кунунии иқтисодиёт баҳои воқеӣ дода шуд. Ҷиҳати ҳалли масъалаҳои буҷетию андозӣ ва дастгирии самтҳои рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дастуру супоришҳо дода шуданд.

Аз рӯи масъалаи натиҷаҳои фаъолияти Раёсати андоз дар вилояти Суғд дар соли 2018 ва тадбирҳои андешидашудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар соҳаи иқтисод муовини Раиси вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ суханронӣ намуда, фаъолияти мақомоти андози вилоятро дар соли 2018 қаноатбахш арзёбӣ кард.

Ҷаласа аз рӯи масъалаҳои муҳокимашуда қарорҳои дахлдор қабул намуд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Пардохтҳои ғайринақдӣ - омили рушди иқтисодиёт

## Рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шаффофияти иқтисодиёти кишвар ва рушди минбаъдаи он мусоидат хоҳад кард



**Имрӯз низомҳои пардохтии аксари давлатҳои рушдкарда ва рӯ ба инкишофи дунё тамоми кӯшишҳои худро бештар ба он равона карда истодаанд, ки аксари хариди молу амвол, хизматрасонӣ ва дигар амалиётҳои пулиро тариқи ғайринақдӣ анҷом диҳанд. Дар заминаи вусъат ёфтани фаъолияти соҳаҳои гуногун иқтисодиёти кишвар рушд мекунад ва омили мазкур зарурати зудтар ва хубтар анҷом додани амалиётҳо ва ӯҳдадориҳои соҳибкор, шаҳрванд ва давлатро ба миён меорад.**

Яке аз чунин воситаҳои соҳаи молия ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба ҳисоб меравад. Дар низоми молиявӣ ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ амали нав нест, зеро ҳанӯз дар солҳои 1770 дар Британиё ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар шакли векселҳо ва чекҳои қоғазӣ истифода мешуд.

Ҳамзамон, бо пайдошавии шабакаи ҷаҳонии Интернет раванди рушди иқтисоди рақамӣ дар тамоми ҷаҳон суръат гирифта, амалиётҳое, ки қаблан барои анҷоми онҳо рӯзҳо, ҳафтаҳо ва моҳҳо сарф мешуданд, ҳоло дар як лаҳзаи хеле кӯтоҳ ба анҷом расонида мешаванд. Яъне иқтисоди рақамӣ заминаи хеле мусоидро барои анҷоми фаъолиятҳо, амалиётҳо, ӯҳдадориҳо ва аз ҷумла, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳам барои ҷомеа ва ҳам барои давлат фароҳам овардааст.

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, яъне пардохт бе истифодаи пули нақд ба воситаи интиқоли воситаи пулӣ ба суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо дар асоси дархостҳои мутақобила сурат мегиранд. Ин амал имконият медиҳад, ки шаҳрванд, соҳибкор ва мақомоти давлатӣ бе истифодаи воситаи пулии қағазӣ ва бе ҳозир шудан ба бонк ӯҳдадориҳои худро суръатнок ба воситаи кортҳои бонкӣ, интернет - бонкинг, интернет-эквайринг, QR-пардохт ва ғайра ба таври электронӣ анҷом диҳанд.

Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ хароҷоти соҳибкор, давлат ва ташкилотҳои қарзиро кам карда, суръати анҷоми амалиётҳоро ба маротиб афзун менамоянд ва шаффофияти фаъолияти ҳамаи онҳоро таъмин карда, канорагирӣ аз андозбандӣ ва ҳар гуна омилҳои номатлубро коҳиш медиҳад. Аз ин лиҳоз, масъалаи рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҷиҳати пардохти андозҳо фароҳам овардани маҷмӯи инфрасохтори заруриро тақозо мекунад. Бинобар ин, Кумитаи андоз дар самти мазкур тайи солҳои охир як зумра корҳоро ба анҷом расонидааст. Мавриди қайд аст, ки ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ, аз он ҷумла, таҳия ва мавриди амал қарор додани барномаҳои компютерӣ дар мақомоти андоз, яке аз роҳҳои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба ҳисоб меравад.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи рушди маъмурикунонии андозҳо бо мақсади ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар марҳалаҳои аввали фаъолият, қабули маблағи андозҳоро дар шакли ғайринақдӣ ба роҳ монда, дар ин самт як қатор чорабиниҳоро амалӣ намуда истодааст. Аз ҷумла, дар доираи корҳо оид ба ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ то инҷониб дар 235 адад нуқтаи хизматрасонии БДА "Амонатбонк" қабули маблағҳо аз шаҳрвандон ва андозсупорандагон тавассути барномаи махсуси компютерии Системаи иттилоотии андоз "Қабули пардохтҳо аз оператори Амонатбонк" ба роҳ монда шудааст. Амалиёти бонкии мазкур имконият медиҳад, ки маблағи нақдии пулӣ дар муомилот кам карда, баъд аз пардохти маблағи андоз он ба таври автоматӣ дар доираи барномаҳои амалкунандаи мақомоти андоз ба ҳисобварақаи андозсупоранда ворид гардида, зарурати дубораи бақисобгириро ба миён намеорад ва ҳамзамон, маблағи пардохтшудаи андоз ба таври ғайринақдӣ ба суратҳисобҳои дахлдор интиқол дода мешаванд.

Дар ин замина, Кумитаи андоз дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ" аз 31 декабри соли 2014, №815 ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, сарфаи вақт барои пардохти андозҳо ва боҷи давлатӣ, шакли нави хизматрасониро ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҷорӣ намудааст, ки бо истифода аз он шаҳрвандон ва андозсупорандагон имконият доранд аз 1 майи соли 2018 бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк", маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ("Visa", "Master Card" ва "Корти миллӣ") пардохт намоянд.

Қобили зикр аст, ки бо мақсади пешгирии қонуншиканиҳо, роҳ надодан ба ҳолатҳои коррупсионӣ ва аз байн бурдани мушкилиҳо вобаста ба ҷамъоварии маблағи андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин аз ҷониби кормандони ваколатдоршудаи (касир - счётовод) мақомотҳои худидоракунии маҳал дар шакли пули нақд тавассути расиди ҳисоботаш қатъии шакли 3Ф дар мақомоти андоз аз санаи 01.06.2018 пурра қатъ шудааст.

Бояд гуфт, ки бо қатъ намудани истифодаи расид ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботаш қатъии шакли 3Ф, воридоти маблағи андозҳо аз ин ҳисоб нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар ва самаранокии кор дар ин самт хубтар гардида, ҳамчунин ҷамъоварии маблағи андозҳо тавассути оҷонсиҳо ва нуқтаҳои хизматрасонии БДА "Амонатбонк" дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ба роҳ монда шуд.

Дар баробари ин, бо ҷорӣ гардидани хизматрасониҳо тавассути кортҳои пардохти бонкӣ дар мақомоти андоз ҷамъоварии маблағи андозҳо аз аҳолӣ низ дар ин самт беҳтар гардида, тартиби мазкур барои сарфаи вақти кории андозсупорандагон сариваҳтӣ ва хеле мусоид мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои андозсупорандагоне, ки ба шабакаи Интернет дастрасӣ надоранд, ё дорои малакаи кофии корӣ барои ба тариқи электронӣ пардохт намудани маблағи андозҳоро надоранд, имкон доранд аз хизматрасониҳои ҳуҷраҳои алоҳидаи (терминалҳои) дар мақомоти ҳудудии андоз кушодашуда, ки бо компютерҳои ба шабакаи Интернет пайвастбуда муҷаҳҳаз мебошанд, истифода намоянд.

Ғайр аз ин, Кумитаи андоз дар доираи таъмини иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробрбаркуниҳои ғайринақдӣ" аз 30 ноябри соли 2018, №565 ҷиҳати коҳиш додани ҳаҷми пули нақдӣ дар муомилот хизматрасониҳои худро вусъат бахшида, ҷамъоварии маблағи андозҳо, ҷаримаҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои давлатиро аз аҳолӣ ба тавари ғайринақдӣ тавассути POS-терминалҳои пардохти бонкӣ ба роҳ мондааст.

Тибқи шартномаи хизматрасонӣ, ки миёни Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ба имзо расонида шудааст, минбаъд дар баробари амалиётҳои нақдӣ ҷамъоварии маблағи андозҳо бо истифода аз POS - терминалҳои пардохти бонкӣ дар шакли ғайринақдӣ ба роҳ монда мешавад.

Терминалҳои мазкур бо барномаҳои махсус муҷаҳҳаз гардонида шуда, дар як вақт имконияти дар ду шакли пардохт амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳоро пешбинӣ менамоянд.

Бояд қайд кард, ҳангоми анҷом додани амалиёт бо истифода аз воситаҳои пардохти бонкӣ ба андозсупорандагон аз таҷҳизоти бонкӣ расид дода мешавад, ки дар он маълумот вобаста ба номгӯи андозсупоранда, РМА, намуди андози пардохтшаванда ва маълумот доир ба нозири андозе, ки хизматрасониро анҷом додааст, дарҷ мешавад.

Тибқи супориши техникӣ POS-терминалҳои пардохт, ки барои қабули маблағи андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин, боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳо пешбинӣ гардидааст, дар як вақт маълумотро аз субъектҳои соҳибкорӣ доир ба пардохти маблағи андозҳо дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ бо реҷаи онлайн қабул мекунад ва маблағи ба хотираи таҷҳизот воридшуда ба таври автоматӣ ба ҳисобварақаи андозсупоранда ва ҳамзамон ба суратҳисоби махсуси ташкилоти молиявӣ ворид мегардад.

Таҷҳизоти мазкур ғайр аз ин, имконияти чопи нусхаи расиди пардохти бонкӣ, ҷустуҷӯи маълумот аз махзани маълумоти Кумитаи андозро доро буда, муайян кардани маблағи бақияи қарз аз рӯи намуди андоз дар як барномаи таҳияшаванда бо истифода аз табодули маълумот байни мақомоти андоз ва ташкилоти қарзӣ амалӣ мешаванд.

Бо мақсади назорати рафти воридшавӣ ва ҷамъоварии маблағи андоз ва пардохтҳо бо истифода аз терминалҳои пардохти бонкӣ имконияти муайян намудани шумораи амалиётҳои анҷомдодашуда ва маблағи андозҳои ҷамъоваригардида аз рӯи намуди андозҳо ва амалиёти иҷрошуда аз рӯи ҳар як таҷҳизоти бонкӣ таҳияи ҳисоботи ҷамъбастӣ дар назар дошта шудааст.

Ёдовар мешавем, ки чанде пеш бо мақсади татбиқи амалии POS–терминалҳои пардохти бонкӣ дар амалия бо иштироки кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар якҷоягӣ бо намояндагони Бонки байналмилалии Тоҷикистон дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар –машварати омӯзишӣ баргузор гардид.

Дар семинар - машварат доир ба мақсад ва аҳамияти истифодаи воситаҳои пардохти бонкӣ, доир ба шаклҳои пардохт, намудҳо ва тартиби истифодабарии кортҳои пардохти бонкӣ ва истифодаи POS–терминалҳо маълумоти муфассал дода шуд. Қайд гардид, ки айни ҳол, дар ҷумҳурӣ омодасозии инфрасохтор барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтӣ дар ҷараёни афзуншавӣ қарор дорад ва лоиҳаи омодакардаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабули пардохтҳо тариқи POS-терминалҳо ҷиҳати васеъ намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ такон хоҳад бахшид.

Дар семинар - машварат гуфта шуд, ки роҳандозӣ намудани воситаҳои пардохти бонкӣ, пеш аз ҳама, ба фаврияти хизматрасонии муштарӣ, шафофияти андозӣ, аз байн рафтани фарсудашавии пулҳои нақд, рафъ сохтани мушкилии ҳисоб, баргардонидани бақия, нигоҳдорӣ ва бурдарасонӣ, новобастагӣ аз асъори ҳисоби кортӣ ковертатсия бо қурби бонкӣ ва ҳамзамон аз байн бурдани хавфҳои криминогеннӣ мусоидат менамояд.

**Собирҷон ИСОЕВ,**

**сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Тамғагузорӣ ва назорати НФС-ҳо



**Мақомоти андози вилояти Хатлон баҳри иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тамғагузории нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва назорати истифодаи тамғаҳо» тадбирҳои мушахас меандешад.**

Ба иттилои муовини сардори Нозироти андози ноҳияи Кушониён Алимурод Саидов имрӯз 14 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ дар қайди нозироти андоз мебошанд. Ҳамаи онҳо бо колонкаҳо таъмин буда, тамғагузорӣ шудаанд. Бо мақсади ошкор кардани маблағҳои пинҳонӣ ва назорати истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ дар фаъолияти НФС-ҳо соли 2018 санҷиш гузаронида шудааст. Дар натиҷаи санҷиш муайян гардид, ки як қисмати андозсупорандагон аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намекунанд. Аксарияти онҳо тибқи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима шудаанд.

- Ҳамаи нуқтаҳои фурӯши сузишворӣ таҳти назорат қарор доранд, - изҳор дошт А. Саидов. - Аз ҷумлаи нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, ки талаботи қонунро вайрон кардааст, ин ҶДММ «Файзи Истиқлол» мебошад. Андозсупорандаи мазкур бо сабаби истифода накардани мошини назоратӣ-хазинавии дорои ТИЭ бо моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағи 4 ҳазор сомонӣ ҷарима гардид. Ба ҳамин монанд ҶДММ «Исмоилиён-2014» мошини назоратӣ-хазинавиро ба таври зарурӣ истифода намекард ва ин боис гардид, ки маблағи 4 ҳазор сомонӣ ҷаримаро пардохт кунад.

Алимурод Саидов гуфт, ки агарчи фаъолияти андозсупорандагон таҳти назоратанд ва бо онҳо ҳамкории зич ба роҳ монда шудааст, вале ҳамоно баъзан аз ҷониби андозсупорандагон қонунвайронкуниҳо ба назар мерасанд. Ин боис мешавад, ки нисбаташон протоколи маъмурӣ тартиб дода шавад.

**С. РУСТАМ**

# Асоси ҷарима – риоя нагардидани қонун

**Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри дар сатҳи лозима ба роҳ мондани фаъолияти соҳаи андоз, ба танзим даровардан ва назорат аз рӯи кори андозсупорандагон, сари вақт ва бемонеагӣ пешниҳод кардани ҳисоботи андоз ва эъломияҳо, баланд бардоштани масъулияти андозсупорандагон як қатор қонунҳо амал мекунанд, ки аз рӯи иҷро мақомоти марбута кор мебарад. Махсусан, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор доранд, ки кормандони нозиротҳои андоз дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон аз онҳо чун дастурамал истифода менамоянд.**



- Тибқи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани муҳлати муқарраршудаи пешниҳоди эъломияҳои андоз, ҳисоботи андоз ва (ё) дигар намудҳои ҳисоботи марбут ба андоз, яъне ба таъхир гузоштан дар муддати то 10 рӯзи корӣ ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз як то се, ба шахсони мансабдор аз панҷ то ҳафт, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз бисту панҷ то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин муқаррар шудааст, - мегӯяд муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷайҳун Саидмурод Қодиров. – Дар ин асос соли 2018 бо моддаи номбурда нисбати 24 андозсупоранда протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Дар ин зимн сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Нозироти андоз дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин Фирӯз Амирхонов гуфт, ки барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар муддати аз 10 то 30 рӯзи корӣ ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то панҷ, ба шахсони мансабдор аз ҳафт то даҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз чилу панҷ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Ӯ илова намуд, ки бо қисми якуми ҳамин модда давоми соли 2018 ҳамагӣ 18 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Дар умум соли гузашта 80 парвандаи маъмурӣ ба маблағи 37 ҳазору 511 сомонӣ тартиб дода шуд, ки аз ин 31 ҳазору 61 сомонӣ ба буҷет ворид гардид. Бо моддаи 601 қисми дуюм 2 парванда ва қисми сеюм 7 парвандаи маъмурӣ тартиб ёфтааст.

Мавсуф гуфт, ки қисмате аз андозсупорандаҳо ҳуқуқ ва вазифаву уҳдадориҳои ҳудро намедонанд. Аз ин лиҳоз корҳои фаҳмондадиҳиро боз ҳам бештар кардан лозим аст. Бояд фарҳанги андозии онҳоро баланд бардорем. Моро зарур меояд, ки тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоеро, ки уҳдадориҳои худро иҷро намекунанд, ҷарима кунем ва ҳамзамон бо онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намоем. Мушоҳида мешавад, ки бархе аз андозсупорандагон пас аз ҷарима шудан, масъулият дарк мекунанд.

Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Нозироти андози ноҳияи Носири Хусрав Фахриддин Каримов изҳор дошт, ки барои содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда дар муддати зиёда аз 30 рӯзи корӣ ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдор аз даҳ то сӣ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз навад то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ шудааст. Дар соли 2018-ум 70 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд, ки 24 ададаш тибқи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо қисми якуми моддаи мазкур 11 парванда, қисми дуюм 7 парванда ва қисми сеюм 6 парванда тартиб дода шудааст.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# ОЭСР сообщила о существенном прогрессе налоговой реформы

### Возобновившиеся международные консультации сосредоточатся на двух базовых принципах реформы

Во вторник Организация экономического сотрудничества и развития (ОЭСР) сообщила о большом прогрессе по вопросу налоговой реформы в цифровой экономике. Главная цель реформы — создать систему налогообложения, при которой высокотехнологичные компании будут платить налоги с источников поступления фактической выручки в каждой конкретной стране, а не по налоговой ставке юрисдикции, где зарегистрировано отделение компании, пишет газета «Коммерсантъ».

По результатам встречи между представителями 100 стран ОЭСР пообещала уже в марте выпустить проект реформы для общественного обсуждения, подтвердив ранее объявленный план выработки конечного решения в 2020 г.

Возобновившиеся международные консультации сосредоточатся на двух базовых принципах реформы, которые включены в аналитическую справку по проекту реформы.

Первый касается «адаптации нынешнего режима налогообложения транснациональных высокотехнологичных компаний… к изменениям, которые привнесла цифровизация в мировую экономику». В ОЭСР считают, что это потребует пересмотра так называемых правил определения устойчивых связей, а именно определения связи между конкретным бизнесом и конкретной юрисдикцией, и правил, которые регулируют учет прибыли при ведении бизнеса в конкретном государстве.

Вторым базовым принципом ОЭСР называет вопрос налоговых ставок в разных странах. По мнению ОЭСР, нужно избегать ситуаций, когда прибыли, которые были получены в странах с более высокими налогами, учитываются в юрисдикциях с менее высокими налогами. Организация подчеркивает, что «страны и юрисдикции имеют полную свободу в том, как устанавливать свои налоговые ставки, в том числе с корпораций».

**http://taxpravo.ru/international**

**Дар асоси фармоишҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри 2014 №262 "Оиди баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаи замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ", аз 28.04.2017, №192 дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ баҳри дарёфти манбаъҳои воқеии андозбандии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёт гузаронидани баҳисобгирӣ таъин гардид. Барои сифатнок ва дар муҳлати муайяншуда гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаи замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ шахсони масъули нозироти андоз вобаста шуданд.**

# Вазъи баҳисобгирӣ дар Суғд



Бояд гуфт, ки вобаста ба фармоишҳои Раиси Кумитаи андоз дар соли 2018 барномаи компютерии СИА "Баҳисобгирии андозҳо-шахсони воқеӣ" мавриди истифода қарор дода шуд. Мақсад аз истифодаи барномаи мазкур ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибмулкон, супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул мебошад. Тавассути барномаи мазкур маълумоти андозсупорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, масоҳати қитъаи замин, объектҳои молу мулки ғайриманқул муайян карда шуда, ин маълумот ба барномаи компютерӣ ворид гадиданд.

Натиҷаи таҳлили баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ нишон дод, ки дар ҳақиқат, объектҳои андозбандишаванда ва қитъаи замини шахсони воқеӣ пурра ба андозбандӣ ҷалб нашудаанд. Масалан, дар натиҷаи инвентаризатсияҳои гузаронидашуда 6515 адад хоҷагии шахсони воқеии ба қайд гирифтанашуда муайян гардид. Дар натиҷа, масоҳати заминҳои наздиҳавлигии шахсони воқеӣ, масоҳати зери биноҳои истиқоматӣ ва ёрирасон, масоҳати бино ва иншоотҳои соҳибкорӣ, хизматрасонӣ ё дигар намудҳои фаъолият баъди азнавбаҳисобгирӣ зиёд карда шуданд. Дар рафти азнавбаҳисобгирӣ аз ҳисоби шахсони воқеӣ дар давоми соли 2018 ба маблағи 12,3 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардида, 11,7 млн. сомонии он рӯёнида шудааст. Дар навбати худ маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 ба маблағи 15,5 млн. сомонӣ, дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 ба маблағи 10,4 млн. сомонӣ зиёд ворид гардидааст.

Мутобиқи маълумоти ҷамъбастӣ ба ҳолати 01.01.2019 дар ҳудуди вилоят зиёда аз сад фоизи молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ таҳти азнавбаҳисобгирӣ фаро гирифта шуда бошанд ҳам, дар шаҳри Истаравшан азнавбаҳисобгирии шахсони воқеӣ ба охир расонида нашудааст. Инчунин, нисбати объектҳои тиҷоратии молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, парвандаи алоҳида ва тартиби пешбурди ҳисобу пардохти маблағи андоз тартиб дода нашуда, шумораи санадҳои тартибдодашудаи чунин объектҳо номуайян мебошад. Камбудиҳои зикргардида дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент, Исфара, Спитамен, Гулистон ва Ашт низ ҷой дорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳисоби миёнаи андоз аз молу мулки ғайриманқул дар вилоят то гузаронидани баҳисобгирӣ ба ҳар як хоҷагии шахси воқеӣ дар як сол ба маблағи 85 сомонӣ рост меомад, пас аз гузаронидани баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) он ба 140 сомонӣ расонида шуд. Ҳисоби миёнаи андози замин аз шахсони воқеӣ то гузаронидани баҳисобгирӣ ба ҳар як хоҷагии шахси воқеӣ дар як сол ба 17 сомонӣ рост меомад, пас аз гузаронидани баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) ба 22 сомонӣ расонида шуд.

Дар ҳудуди вилоят 1278 адад корхонаи дорандаи объектҳои молу мулки ғайриманқул мавҷуд буда, баҳисобгирии шахсони ҳуқуқӣ 100 фоиз иҷро гардидааст. Дар натиҷаи гузаронидани азнавбаҳисобгирӣ 312 ҳазор метри мураббаъ объектҳои дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда, зиёда аз 360 ҳазор метри мураббаъ объектҳои барои дигар мақсадҳо истифодашаванда ва 630 ҳазор метри мураббаъ ё 63 га заминҳои дар фаъолияти тиҷоратӣ истифодашавандаи шахсони ҳуқуқӣ иловагӣ ошкор шудааст.

Дар рафти баҳисобгирӣ дар вилоят 15 адад объекти шахсони ҳуқуқӣ бидуни қайд дар мақомоти андоз низ ошкор гардид. Аз ҳисоби масоҳатҳои иловагӣ ва бидуни қайд ошкоргардида ба маблағи 4,7 млн. сомонӣ андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба таври илова ҳисоб карда, аз он 3,3 млн. сомонӣ ба буҷет ворид шудааст.

**Валаматшех МАҲМУДОВ,**
**корманди Раёсати андоз дар вилояти Суғд**

# Воридоти нокифояи маблағҳо



Бино ба маълумоти Раёсати андози вилояти Суғд дар миқёси вилоят ба ҳолати имрӯза 71068 нафар соҳибкори инфиродӣ, бо дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Аз тарафи онҳо 197,9 млн. сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷети давлатӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2017 шумораи соҳибкорон 2070 нафар ва маблағи пардохтшудаи андозҳо 27,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Воридшавии маблағи андозҳо аз тарафи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд (бе хоҷагии деҳқонӣ), ба ҳар як соҳибкор дар як моҳ ба ҳисоби миёна ба 837 сомонӣ рост меояд. Аммо шумораи соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон 15 адад, Айнӣ 2 адад ва воридоти маблағҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 21,7 ҳазор сомонӣ ва Зафаробод 427,0 ҳазор сомонӣ кам шудааст.

- Дар самти бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ бояд қайд намуд, ки мутобиқи маълумоти Кумитаи заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 1 январи соли 2018 дар миқёси вилояти Суғд 66668 адад хоҷагии деҳқонии инфиродӣ ташкил шуда, аз ин шумора 58568 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шудаанд, - мегӯяд сармутахасиси шуъбаи ташкили андозбандии Раёсати андоз дар вилояти Суғд Муродҷон Ниёзматов. - Шумораи хоҷагиҳои деҳқонии беқайд 8100 ададро ташкил медод. Ба санаи 1-уми январи соли 2019 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии ба қайд гирифташуда 61661 ададро ташкил дод. Яъне соли 2018 ба миқдори 3093 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда, 5007 адад хоҷагиҳои деҳқонии дигари фаъолиятдошта бе қайди мақомоти андоз боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 2212 адад ё худ 15,7 фоиз, Панҷакент 1020 адад - 19,7 фоиз, Истаравшан 857 адад - 9,3 фоиз, Мастчоҳ 713 адад - 14,5 фоиз, Конибодом 280 адад-3,5 фоиз, Б.Ғафуров 435 адад - 6,5 фоиз, Ашт 145 адад - 2,8 фоиз ва Айнӣ 101 адад - 9,1 фоизро ташкил медиҳанд.

Натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳо нишон медиҳад, ки маълумоти Кумитаи заминсозӣ оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дуруст набудааст. Масалан, дар шаҳрҳои Исфара ва Конибодом ба номи як хоҷагии деҳқонӣ якчанд маротиба замин ҷудо шуда, ҳар навбат таъсиси хоҷагии нав қайд шудааст. Ҳатто дар баъзе ҳолат ба номи шахсони фавтида хоҷагии деҳқонӣ навиштаанд, ё ин ки дар ҳисоботи солонаи худ аз шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ неву аз шумораи сертификатҳои навишташуда ҳисобот дода, хоҷагиҳои деҳқонии фаъолияташон қатъшуда аз ҳисоб баровarda нашудаанд.

Аз ин рӯ, ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ иҷро гардидани Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2016, №265 «Оиди бақайдгирии хоҷагии деҳқонӣ» нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоятро лозим аст, ки бо мақсади пурра ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи идораи замини шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намоянд. Ҳамчунин барои дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ маълумоти барномаи СИА "Баҳисобгирии андозҳо"-ро бо маълумоти омор таҳлил намуда, дар ин самт мунтазам корҳои назоратӣ анҷом диҳанд.

Дар мавриди маъмурикунонии андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома фаъолияткунанда гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродиро зарур мебошад, ки динамикаи маблағҳои ҳисобшудаи андозҳоро мавриди таҳлил қарор дода, барои афзоиши маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо, кам намудани бақияпулиҳо ва дар ҳисобот пурра нишон додани шумораи кормандон, музди меҳнати воқеан пардохтшуда тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Робитаи мустақим

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ фаъолияти Бахши иттилоотии Кумитаи андозро (Контакт - сентр) такмил дод, ки мутахассисони Бахши иттилоотии Кумитаи андоз тариқи рақами содакардашудаи "151" ҳамарӯза аз соати 8:00 то 17:00 ба суолҳои шаҳрвандон роҷеъ ба масъалаҳои андозбандӣ посух медиҳанд.**



Тавре муовини сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз Иқбол Баҳриев мегӯяд, баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон яке аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бахши иттилоотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (рақами содакардашудаи "151"), бо таҷҳизоти ҳозиразамони техникӣ муҷаҳҳаз гардонидашуда, дорои имкониятҳои бақайдгирӣ, сабт ва нигоҳдории тамоми гуфтугӯҳои телефонӣ ва таъмини дар навбат нигоҳ доштани занги муроҷиаткуандагонро дорад. Ҳамчунин, дар як вақт ба муроҷиати шаҳрвандон ва андозсупорандагон тавассути гуфтугӯи бевоситаи телефонӣ, сомона, почтаи электронӣ бо истифодаи усули "Чат" дар низоми вақти мустақим тавзеҳот дода мешавад.

Тартиби нави хизматрасонии мазкур ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон имконияти васеи огаҳӣ ва маълумотнокӣ аз қонунгузории андозро муҳайё намуда, пеш аз ҳама, ба осон намудани иҷрои дархости шаҳрвандон, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ба онҳо ва бештар намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ нигаронида шудааст.

Шаҳрвандон метавонанд дар соатҳои корӣ, ба истиснои рӯзи якшанбе, бо ин рақами телфонӣ занг зада, ба саволҳои худ оид ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ ҷавобҳои мушаххас гиранд.

Бо мақсадҳои зикршуда сомона ва почтаи электронии Кумитаи андоз, инчунин Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт-сентр) бо истифодаи рақами содакардашудаи телефонии "151", "152" ба роҳ монда шудааст.

Дар 12 моҳи соли 2018 ба Бахши иттилоотӣ зиёда аз 33430 муроҷиати телефонӣ ва электронӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст. Аз шумораи умумии муроҷиатҳо 12519 адад ба шахсони воқеъ, 12582 адад ба шахсони ҳуқуқӣ, 6300 адад дигар муроҷиатҳо ва 2035 адад ба шахсоне, ки тавассути усули "Чат" муроҷиат намудаанд, рост меоянд.

Шумораи муроҷиаткунандагон ба ҳисоби миёна дар як рӯз 149 адад, вақти умумии муоширот бо муроҷиаткунандагон 102 соат, вақти миёнаи муоширот бо ҳар як муроҷиаткунанда 2,40 дақиқа, вақти умумии истифодабарии барнома аз ҷониби операторон 30414 соатро ташкил медиҳад. Дар ин давра шумораи зангҳои бармад ба муроҷиаткунандагон аз телефонҳои дохилӣ аз ҷониби операторон 3768 ададро ташкил додааст.

Аз шумораи умумӣ (33430) муроҷиатҳо ба нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 10575 (31,6%) адад, вилояти Суғд 6375 (19,1%), вилояти Хатлон 7390 (22,1) адад, ВМКБ 381 (1,1%) адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 4649 (13,6%) ва дигар муроҷиатҳо 4060 (12,2%) адад рост меоянд.

**Бештари муроҷиатҳои телефонӣ аз мундариҷаи саволҳои зерин иборат мебошанд:**

*- оид ба тартиби бо таври электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз – 4888 (14,6%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани низоми содакардашудаи андозбандӣ – 2039 (6,1%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани маблағи патент ва бақияи қарзи он – 1853 (5,5%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби дуруст истифода кардани "Анбори электронӣ" – 1745 (5,2%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани ААИ, тартиби пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳо ва аксиз – 1544 (4,6%) муроҷиат;*

*- оид ба хоҷагиҳои деҳқонӣ – 1427 (4,3%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва пешниҳоди эъломияи электронии андози мазкур – 1212 (3,6%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби истифодаи дуруст МНХ – 1025 (3,1%) муроҷиат;*

*- оид ба авторизатсияи мобилӣ – 1035 (2,3%) муроҷиат;*

*- оид ба имтиёзҳои андозҳо – 921 (2,8%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби бо таври электронӣ пешниҳод намудани эъломияи андоз аз фоида ва дуруст ҳисоб ва пардохт намудани он – 889 (2,7%) муроҷиат;*

*- оид ба пешниҳоди тавозуни корхона – 779 (2,3%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо барои захираҳои табиӣ – 878 (2,6%) муроҷиат;*

*- оид ба тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромад – 762 (2,3%) муроҷиат;*

*- оид ба бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорӣ ва барҳамдиҳии субъектҳо – 750 (2,2%) муроҷиат;*

*- оид ба хизматрасониҳо аз ҷониби терминалҳои хизматрасониҳои мақомоти андоз – 779 (2,3%) муроҷиат, ки дар маҷмӯъ 23097 муроҷиат, ё худ 69,1 фоизро ташкил медиҳанд.*

Қобили қайд аст, ки саволҳо ва муроҷиатҳои ба бахш ва гурӯҳҳои иттилоотии Кумитаи андоз воридшавандаи шаҳрвандон ва андозсупорандагон пайваста гурӯҳбандӣ шуда, дар ин асос самтҳои афзалиятнок ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва беҳтар намудани рушди маъмурикунонии андоз муайян ва ба фаъолият дар ин самтҳо тақвият бахшида мешавад.

Дар соли 2018 ба гурӯҳҳои иттилоотии раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон дар маҷмӯъ, 742 муроҷиат ворид гардидаанд, ки ба ВМКБ 340 адад, вилояти Суғд 202 адад ва Хатлон 200 адад рост меоянд.

**Ҳамзамон, дар ин давра барои ба тариқи фаврӣ муайян намудан ва гирифтани маълумот дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда, ба Бахши иттилоотӣ бо рақами иловагии содакардашудаи телефони 152 ҳамагӣ 8415 муроҷиати телефонӣ ворид гардидааст, ки ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3308 адад, шаҳри Душанбе 2340 адад, вилояти Хатлон 2479 адад, вилояти Суғд 226 адад ва ВМКБ 62 адад рост меоянд. Самти дигари муҳими фаъолияти мақомоти андоз анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ тариқи почтаи электронии (info@andoz.tj) Кумитаи андоз ба ҳисоб меравад. Дар давраи мазкур ба Бахши иттилоотӣ 411 муроҷиати электронӣ тавассути почтаи электронии Кумитаи андоз ворид гардидааст.**

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Путин продлил амнистию капитала на год

**Президент Владимир Путин решил повторить свой подарок двухлетней давности и еще раз продлить уже вторую амнистию капитала на год до марта 2020 г. Льгота коснется тех, кто переведет капитал в Россию, а также тех, кто зарегистрирует бизнес в специальных административных районах (САР) – на острове Русский на Дальнем Востоке или острове Октябрьский в Калининграде.**

Надо признать недостаточные гарантии защиты частной собственности вынудили многих предпринимателей регистрировать свои активы за рубежом, выводить эти активы, мы предусмотрели амнистию капитала.

Еще одна льгота - освободить от НДФЛ доходы с контролируемых иностранных компаний (КИК, с 2017 г. нужно платить налог с нераспределенной прибыли КИК, людям - 13%) тех, кто станет налоговым резидентом России в 2019 г., рассказал Путин. Для этого человек должен провести больше 183 дней в году в стране. Льгота будет действовать один год, уточняет федеральный чиновник.

Вторая амнистия капитала была объявлена в конце 2017 г., она действует до конца февраля 2019 г.

Те, кто ей воспользуется, могут не платить налог на прибыль или НДФЛ с репатриированного в Россию капитала, задекларировать можно не только открытые, но и закрытые до 1 марта банковские счета, и вернуть не только активы, но и деньги.

Также без налоговых последствий можно ликвидировать КИК. В отличие от прошлого раза спрос на амнистию огромный, рассказывали «Ведомостям» консультанты и подтверждал представитель Федеральной налоговой службы. В первый раз было подано 7200 деклараций, сообщал Минфин. Число поданных деклараций во второй амнистии власти не раскрывают.

Власти не первый год пытаются вернуть капитал в Россию. В прошлом году для этого также были созданы САРы. Стать их резидентами могут только зарегистрированные за рубежом компании. Им обещаны низкие налоговые ставки и смягчение контроля. Получить доступ к информации об их бенефициарах смогут только управляющая САРом компания, а также надзорные органы и суды. Публичной компании не придется платить налоги с прибыли от продажи активов и с полученных дивидендов, а если переехавшая компания сама выплачивает дивиденды, то ее бенефициар заплатит 5%.

**http://taxpravo.ru/novosti**

# Масъулият дар иҷрои уҳдадорӣ

**Тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба андозсупорандагони бемасъулият” дар асоси талаботи банди 51 моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сари вақт таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида андозсупоранда ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешавад. Ғайр аз ин, бино бар бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, татбиқи чораҳои маъмурӣ, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида андозсупоранда аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ мешавад.**



Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки аз лаҳзаи ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани субъектҳои хоҷагидор, фаъолияти онҳо зери назорати қатъӣ қарор гирифта, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳое, ки барои содир намудани он субъект ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шуда буд, дар доираи талаботи қонунгузорӣ ва тартиби мазкур чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамзамон, ба мақомоти ҳудудии андоз иҷозат дода шудааст, ки тавассути барномаҳои компютерии СИА бо субъектҳои ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохилшуда, санади муқоисавӣ тартиб диҳанд. Инчунин, ҳангоми зарурат маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозро, ки дар ҳисобварақаи андозсупоранда мавҷуд нестанд, ба барнома дохил намоянд.

Тибқи маълумоти дастрасгардида андозсупорандаҳое, ки дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд, ҳуқуқи ба таври электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андозро аз даст медиҳанд. Аз ин рӯ, онҳо аз ҳисобнома - фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ба таври электронӣ истифода карда наметавонанд. Тибқи чунин тартиб, субъектҳое, ки ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудаанд, уҳдадор мебошанд, ки то лаҳзаи аз рӯйхат хориҷ шуданашон ҳисоботи андозиро ба таври коғазӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Мутобиқи махзани маълумоти Кумитаи андоз то санаи 1 январи соли 2019, дар маҷмӯъ, 4738 субъекти хоҷагидор ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил шудаанд, ки нисбат ба аввали соли 2018-ум 155 адад зиёд аст. Аз ин шумора 3078 адад барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз, 290 адад барои пардохт накардани маблағи бақияи қарзи андоз, 752 адад барои бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда ва 618 адад барои пардохт накардани маблағи андозҳои дар натиҷаи санади санҷиши барилова ҳисобшуда, ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил гардидаанд.

Аз шумораи субъектҳои ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохилшуда ба ВМКБ 79 адад (1,6 фоиз), вилояти Хатлон 631 адад (13,3 фоиз), вилояти Суғд 723 адад (15,2 фоиз), шаҳри Душанбе 2427 адад (51,2 фоиз) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 878 адад (18,5 фоиз) рост меояд. Дар давраи ҳисоботии соли 2018-ум шумораи субъектҳои ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохилшуда, нисбат ба санаи 1 январи соли 2018 дар ВМКБ 4 адад, вилоятҳои Хатлон 35 адад, Суғд 41 адад, шаҳри Душанбе 44 адад ва ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, 31 адад афзоиш ёфтаанд.

Бо дарназардошти ислоҳ гардидани камбудиҳое, ки аз рӯи онҳо субъектҳои хоҷагидор ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дохил буданд, то 1 январи соли 2019 тибқи фармоиши дахлдори Раиси Кумитаи андоз 1803 адад ё худ 38 фоиз қаблан аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» баровarда шуданд. Аз шумораи субъектҳое, ки аз рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” баровarда шудаанд, ба ВМКБ 5 адад, вилояти Хатлон 235 адад, вилояти Суғд 264 адад, шаҳри Душанбе 973 адад ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, 326 адад рост меоянд.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи андоз дар натиҷаи ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани субъектҳои хоҷагидор ва ислоҳ шудани камбудиҳо то санаи 1 январи соли 2019-ум 95,5 миллион сомонӣ вориди буҷет гардидааст. Аз маблағҳои дар ин давра ба буҷет воридшуда 1,5 миллион сомонӣ аз ҳисоби ҷаримаҳои маъмурӣ мебошад, ки он барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз ба вуҷуд омадааст. Инчунин, 94 миллион сомонӣ аз ҳисоби пардохт шудани маблағи бақияи қарзи андозҳо мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз шумораи субъектҳое, ки ба рӯйхати “Андозсупорандагони бемасъулият” дар соли 2018-ум дохил шудаанд, 2935 ададро ташкил медиҳад. Ин теъдод нисбат ба 1 январи соли 2018-ум 166 адад кам шудааст.

Хулоса, ҳар андозсупорандаро мебояд дар таъмини иҷрои уҳдадориҳои худ масъулияти бештар эҳсос кунад. Ин метавонад дар пешрафти корҳо мусоидат намояд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**СЕМИНАР–МАШВАРАТ**

**6 феврали соли 2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки сардорони Раёсатҳои дахлдори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарону сармуҳосибони корхонаҳое, ки ба истеҳсол ва хариду фурӯши доруворӣ машғул мебошанд, семинар-машварт баргузор гардид.**

# Нигаронӣ



Семинар-машваратро сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андоз Шамсулло Кабирзода ифтитоҳ карда, аз мушкилиҳои ҷойдошта дар фаъолияти корхонаҳои соҳаи истеҳсол ва хариду фурӯши доруворӣ, дуруст ҳисоб ва пардохт намудани маблағи андозҳо, дар эъломияҳои андозӣ пурра нишон додани даромади умумӣ, шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнат, дуруст ба расмият даровардани таҳвили молу маҳсулот ва риояи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби корхонаҳои соҳаи мазкур оид ба навиштани ҳисобнома-фактураҳои ААИ, истифодаи мошини назоратӣ- хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ, тартиби ба қайд гирифтани воҳидҳои алоҳида, дуруст нишон додани бақияи молу маҳсулот, сари вақт иҷро кардани уҳдадориҳои пардохти андозҳо дар кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва баррасии асоснокии изофапулиҳои андоз аз арзиши иловашуда дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагони соҳаи мазкур сухан кард.

Қайд гардид, ки дар асоси иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, тайи солҳои охир барои субъектҳои хоҷагидори ба фаъолияти истеҳсол, воридот ва хариду фурӯши доруворӣ машғулбуда имтиёзҳои иловагии андоз муқаррар шудааст. Мутаассифона, тавре раванди корҳои назоратӣ ва таҳлилии мақомоти андоз нишон медиҳад, корхонаҳои соҳаи мазкур ин сабукӣ ва имтиёзҳоро нодида мегиранд. Яъне ба ҷойи он ки аз тарафи андозсупорандагони соҳаи истеҳсол, воридот ва хариди фурӯши доруворӣ барои дуруст ва пурра дарҷ намудани нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти худ дар ҳисоботи андозӣ масъулият ҳис кунанд, баръакс онҳо ба пинҳонкунии манбаъҳои андозбандӣ, пурра ва сари вақт пардохт накардани андозҳо, дуруст ва ба таври пурра нишон надодани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ, беасос ба ҳисоб гирифтнаи маблағҳои ААИ дар эъломияҳои андоз даст зада истодаанд.

Мавсуф афзуд, ки яке аз омилҳои кам ҳисоб намудани маблағи андозҳо аз ҷониби корхонаҳои хариду фурӯши доруворӣ дар он мебошад, ки аз ҷониби корхонаҳои соҳаи мазкур тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда ва раванди дар амал татбиқ гардидани муқаррароти Кодекси андоз дуруст ба роҳ монда нашуда истодааст. Субъектҳои хоҷагидори соҳаи мазкур аз сабукиҳои қонунгузорӣ суистифода карда, болонархии молҳои таҳвилнамудаи худро дар ҳисоботи андозӣ аз асли воқеиаш ба маротиб кам нишон медиҳанд, ки ин ҳолат боиси мутаносибан кам ҳисоб намудани андозҳо аз ҷониби онҳо гардида истодааст.

Сарфи назар аз таъкидҳои пайвастаи мақомоти андоз ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо роҳбарон ва муассисони корхонаву ташкилотҳои ба истеҳсол ва хариду фурӯши доруворӣ машғулбуда, мутаассифона, ҳоло ҳам дар фаъолияти корхонаҳои соҳа як қатор камбудию қонунвайронкуниҳо ҷой доранд, ки боиси аз ҷониби онҳо риоя нагардидани пешбурди дурусти муҳосибӣ ва коргузорӣ гардида, дар натиҷа, маблағи андозҳо нисбат ба манбаъҳои воқеии андозбандӣ ва амалиётҳои воқеии анҷомдода кам ҳисоб ва ба буҷет пардохт мешаванд.

Баъдан, сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андоз Зокир Қурбонов оид ба бақияпулиҳои андозии корхонаҳои ба фаъолияти истеҳсол ва хариду фурӯши доруворӣ машғулбуда суханронӣ кард. Ӯ қайд намуд, ки тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз ба ҳолати 1 феврали соли 2019-ум 35 адад корхонаи ин намуди соҳаи соҳибкорӣ дар назди буҷет ба маблағи умумии 2443,1 ҳазор сомонӣ қарздор мебошанд.

Мавсуф зикр кард, ки дар сурати аз ҷониби андозсупорандагон сари вақт пардохт накардани бақияпулиҳои андоз, аз ҷониби мақомоти андоз тибқи муқарраротИ моддаи 72 Кодекси андоз нисбати чунин андозсупорандагон чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, аз ҷумла бо роҳи бароҷоти суратҳисоби бонкии андозсупоранда дар ташкилотҳои қарзӣ, рӯёнидани қарзҳои андоз аз ҳисоби маблағҳои пулии дар суратҳисобҳои бонкӣ мавҷудбудаи андозсупоранда ва чораҳои рӯёнидани қарзи андоз аз ҳисоби ҳабс кардан ва фурӯши молу мулки андозсупоранда татбиқ карда мешавад.

Дар интиҳо, миёни мутахассисони мақомоти андоз ва роҳбарону сармуҳосибони корхонаҳои ба истеҳсол ва хариду фурӯши доруворӣ машғулбуда суолу ҷавоб сурат гирифт.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Ҳадаф - пешбурди фаъолият

**Мақомоти ҳудудии андоз барои пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ пайваста ҷаҳду талош доранд. Алалхусус, бо патенту шаҳодатнома таъмин намудани соҳибкорони инфиродӣ аз ҷумлаи вазоифи кормандони мақомоти мазкур ба ҳисоб меравад.**



Тибқи маълумоти Кумитаи андоз ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 33584 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (бе дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 340,7 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардидааст. Бояд зикр намуд, ки агарчӣ шумора ва маблағи воридоти андозҳо дар соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфта бошад ҳам, вале дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз камшавии шумора ва маблағи воридоти андозҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, камшавии бештари маблағи андозҳо, асосан, ба шаҳру ноҳияҳои Рушон - 153,0 ҳазор сомонӣ, Шуғнон -23,7 ҳазор сомонӣ, Истиқлол - 12,5 ҳазор сомонӣ ва Лахш - 33,5 ҳазор сомонӣ рост меояд.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари камшавии воридоти андозҳо, шумораи соҳибкорон дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷайҳун, Ҳамадонӣ, Ховалинг, Бустон, Айнӣ, Сино ва Лахш коҳиш ёфтааст. Яке аз сабабҳои коҳишёбии шумора ва маблағи воридоти андозҳо, пеш аз ҳама, аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи дахлдор назорат нашудани фаъолияти соҳибкорон, пурра ва дуруст ба андозбандӣ ҷалб нагардидани соҳибкорон, афзоиш наёфтани даромади умумӣ ва маблағҳои ҳисобшаванда дар ҳисоботи андозӣ ба шумор меравад.

Масъалаи дигари ташвишовар афзоиши шумораи соҳибкорони бефаъолият мебошад. Тибқи маълумоти бадастомада, аз шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда дар миқёси ҷумҳурӣ 4990 адад ё 15,5 фоизи соҳибкорон ҳамчун андозсупорандаи бефаъолият эътироф гардида, ҳисоботи андозии худро дар муҳлатҳои муқarrаргардидаи қонунгузорӣ сари вақт ба мақомоти андоз ба тариқи афзоянда пешниҳод накардаанд.

Шумораи соҳибкорони бефаъолият мутаносибан дар вилояти Суғд (1765 адад) 16,5 фоиз, вилояти Хатлон (1001 адад) 16,7 фоиз, шаҳри Душанбе (1568 адад) 15,7 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, (656 адад) 11,9 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, аз ҷониби соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда сари вақт пешниҳод нашудан ва ё ба таври сифрӣ пешниҳод шудани эъломияҳои андоз дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи шумораи соҳибкороне, ки ҳисоботи андозии худро дар давоми соли 2018 ба таври сифрӣ пешниҳод намудаанд, дар миқёси ҷумҳурӣ 5785 адад ё 18,0 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондод дар вилояти Суғд 2865 адад ё 26,8 фоиз, вилояти Хатлон 1548 адад ё 25,8 фоиз, шаҳри Душанбе 862 адад ё 8,7 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, дар маҷмӯъ, 510 адад ё 9,2 фоиз баробар мебошанд.

Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда аз шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома ба қайд гирифташуда ҳамагӣ 21399 адад ё 66,5 фоизи онҳо ҳамчун соҳибкорони фаъолияткунанда эътироф мегарданд, аммо на ҳамаи онҳо даромадҳои воқеии худро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон медиҳанд.

Ба ҳолати 01.01.2019 дар миқёси ҷумҳурӣ даромади андозбандишавандаи 13803 нафар ё 64,5 фоиз то 100,0 ҳазор сомонӣ, 6003 нафар ё 28,1 фоиз то 300,0 ҳазор сомонӣ, 1127 нафар ё 5,3 фоиз то 500 ҳазор сомонӣ, 431 нафар ё 2,0 фоиз то 1 млн. сомонӣ ва ҳамагӣ даромади умумии 35 нафар соҳибкори бо шаҳодатнома фаъолияткунанда зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи даромади умумии соҳибкороне, ки даромади андозбандишавандаи онҳо то 100,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, дар вилояти Суғд 3436 нафар ё 56,8 фоиз, Хатлон 2506 нафар ё 72,4 фоиз, шаҳри Душанбе 4474 нафар ё 59,4 фоиз ва дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 3387 нафар ё 77,6 фоизро ташкил додаанд.

Қобили қайд аст, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти андоз ҳуқуқи дар ҳолатҳои алоҳида дар доираи санҷишҳои амалиётӣ, муоинаҳои хронометражӣ, бо истифода аз усули арзёбии мустақим ё ғайримустақим баррасӣ намудани уҳдадориҳои андозсупорандагонро пешбинӣ намудааст. Натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ таҳлил ва мушоҳидаҳо дар ин самт нишон дода истодаанд, ки ин раванд аз тарафи аксарияти андозсупорандагон риоя намешавад ва баръакс аз тарафи баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз барои афзоиш наёфтани даромади андозбандишавандаи андозсупорандагон мусоидат намуда, дар ҳамон як нуқта ба якчанд соҳибкор ҳуҷҷатҳои соҳибкории алоҳида дода мешавад.

Гарчанде дар қонунгузории амалкунанда тартиби гузариши андозсупорандагон аз рӯи шакли ташкилию ҳуқуқӣ (аз патент ба шаҳодатнома, аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ ва ё гузариши баръакс) дуруст муқаррар гардидааст, вале андозсупорандагон аз сабукиҳои қонунгузорӣ истифода намуда, бо зиёд гардидани даромади умумӣ ба хотири иваз накардани шакли ташкилию ҳуқуқии худ ба мақомоти андоз маълумоти нопурра пешниҳод мекунанд ва бо ин роҳ аз пардохти маблағи андозҳо канораҷӯӣ менамоянд. Дар натиҷа, ин ҳолат ба дуруст татбиқ нагардидани муқаррароти қонунгузорӣ ва дар маҷмӯъ, ба самаранокии кори мақомоти андоз таъсири манфии худро мерасонад.

Тибқи маълумот дар давраи 12 моҳи соли 2018 дар миқёси ҷумҳурӣ аз шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда (33584 адад) ҳамагӣ 36 нафар бо зиёд гардидани даромади умумиашон фаъолияти худро аз рӯи шаҳодатнома қатъ намуда ба шахси ҳуқуқӣ гузаштаанд. Ин нишондод дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1 адад, вилояти Суғд 10 адад, шаҳри Душанбе 6 адад ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ҳамагӣ 7 адад рост меояд. Ғайр аз ин, дар дигар ҳолат соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда бо зиёд гардидани даромади умумӣ ва ё бо мақсади кам пардохт намудани маблағи андозҳо фаъолиятҳои худро сохтакорона аз рӯи шаҳодатнома қатъ намуда, фаъолияти минбаъдаи худро тибқи патент идома медиҳанд.

Масъалаи дигари нигаронкунанда ин аст, ки бо дарназардошти сода будани тартиби фаъолият аз рӯи шаҳодатномаи соҳибкорӣ дар мақомоти андоз, як гурӯҳи алоҳидаи андозсупорандагон аз беназоратӣ истифода намуда, бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти маблағи андозҳо фаъолияти худро аз рӯи шахси ҳуқуқӣ қатъ намуда, минбаъд фаъолияти худро тибқи шаҳодатнома ба роҳ мондаанд ва бо ин рафторашон онҳо аз пардохти пурраи маблағи андозҳо саркашӣ карда истодаанд.

Раванди таҳлилҳои гузаронидашуда дар мақомоти ҳудудии андоз нишон дода истодаанд, ки бо дарназардошти зиёд намудани ҳадди даромад аз 500 ҳазор сомонӣ ба 1 млн. сомонӣ, мутаасифона, афзоиши даромади умумии андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ дар сатҳи паст қарор гирифтааст. Ҳатто дар баъзе ҳолатҳо даромадҳои андозбандии соҳибкорон нисбат ба давраҳои қаблӣ коҳиш ёфта, дар дигар маврид даромади умумии онҳо умуман афзоиш наёфтааст. Ҳолати мазкур ба раванди гузариш аз як низом ба дигар низоми андозбандӣ, албатта, таъсири манфии худро хоҳад расонд.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# ФНС переходит на новую централизованную программу налогового администрирования

## Налоговая служба завершает трехлетнюю работу по этому направлению

ФНС РФ завершает трехлетнюю работу по переходу на централизованное программное обеспечение налогового администрирования. Это позволит усовершенствовать инструменты налогового учета и контроля, а также будет способствовать развитию новых сервисов и переходу на экстерриториальный и бесконтактный принципы обслуживания, пишет пресс-служба ФНС России.

В связи с переходом могут возникать задержки при направлении налогоплательщикам результирующих квитанций по обработке представленной ими отчетности. Налоговое ведомство отмечает, что дата подтверждения отправки документов, которая была сформирована оператором электронного документооборота, является показателем своевременности представления налоговой и бухгалтерской отчетности. Направлять повторно отчетность, по которой ФНС не представила результирующие квитанции, не нужно. Соответствующие разъяснения доведены до территориальных налоговиков.

http://taxpravo.ru/novosti

# Ташаккул додани сармояи оинномавӣ

**Сафи корхонаҳо, чуноне ба назар мерасад, дар кишвар афзоиш ёфта истодааст. Пеш аз он ки корхона ба фаъолият оғоз намояд, бояд сармояи оинномавии он муқаррар гардад. Сармояи оинномавӣ маҷмӯи саҳмҳои муассисон ба моликияти корхона дар вақти ташкил кардани корхона ба ҳисоб рафта, барои таъмини фаъолияти он дар ҳаҷми муайян бо ҳуҷҷатҳои оинномавӣ муқаррар карда мешавад. Он сармояи аввалиндараҷа ва ибтидоии корхона ба ҳисоб меравад.**



Вобаста ба рушди соҳаи фаъолияти корхона сармояи оинномавӣ бо қарори (протоколи) муассисон метавонад зиёд ва кам шавад. Дараҷаи сармояи оинномавӣ бо дарназардошти тахминии фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсолӣ)-и корхона муайян шуда, дар вақти аз қайди давлатӣ гузаштани корхона ба қайд гирифта мешавад. Сармояи оинномавӣ аз арзиши саҳмҳои гузошташудаи иштирокчиён иборат мебошад ва иштирокчиён (саҳмдорон) вобаста ба саҳми гузоштаи худ дар назди корхона масъулият доранд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи қисми 4 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» шахсони ҳуқуқӣ уҳдадор мебошанд, ки дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ташаккулёбии ҳаҷми сармояи оинномавии худро ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда, ҳаҷми сармояи эълоннамудаи худро дар Феҳристи ягонаи давлатӣ расман ташаккул диҳанд. Аммо, тавре мебинем, баъзе аз шаҳрвандон дар бораи сармояи оинномавӣ, тартиби бақайдгирӣ ва дигар паҳлӯҳои он маълумоти кофӣ надоранд.

Тибқи иттилои сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон МЭЛС Меликов дар соли 2018 сармояи оинномавии 10687 адад шахси ҳуқуқӣ ташаккул дода ва маълумот ба Феҳрасти ягонаи давлатӣ ворид шудааст. Дар баробари ин то ҳанӯз шумораи муайяни шахсони ҳуқуқӣ сармояи оинномавии худро ташаккул надодаанд.

М. Меликов гуфт, ки дар вилояти Суғд сармояи оинномавии 3527 субъект (77 фоиз), вилояти Хатлон 2234 субъект (68 фоиз), шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 1647 субъект (58 фоиз), шаҳри Душанбе 3152 субъект (52 фоиз) ва ВМКБ 127 субъект (19 фоиз) ташаккул дода шуда, маъмулот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид гардидааст.

Тавре зикр шуд, бо вуҷуди ташаккул додани шумораи зиёди субъактҳо, ҳанӯз ҳам дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо аз 100 то 900 адад андозсупоранда сармояи оинномавии худро ташаккул надодаанд. Аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 273 адад, Хуҷанд 348, Истаравшан 119, Б. Ғафуров 161, Кӯлоб 155, Данғара 114, Бохтар 104, Ваҳдат 175, Турсунзода 123, Рашт 126, Ҳисор 211, Рӯдакӣ 232, Исмоили Сомонӣ 778, Шоҳмансур 650, Сино 900 ва Фирдавси 526 адад субъект то ҳанӯз сармояи оинномавии худро ташаккул надодаанд. Аз 6680 адад андозсупорандае, ки сармояи оинномавии худро ташаккул надодаанд, 5498 субект ба шаҳру ноҳияҳои зикргардида рост меояд.

Дар баробари ин, таҳлили маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ муъйян намудааст, ки дар гурӯҳи дигари шаҳру ноҳияҳо аз 20 то 100 адад шахси ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам сармояи оинномавии худро ташаккул надодаанд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ 44, Рушон 28, Дарвоз 45, Мурғоб 41, Шуғнон 70, Роштқалъа 21, Ишкошим 21, Конибодом 38, Исфара 82, Гулистон 29, Зафаробод 22, Мастчоҳ 42, Спитамен 31, Панҷакент 28, Ҷаббор Расулов 31, Бӯстон 55, Ашт 29, Восеъ 77, Фархор 54, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 51, Ховалинг 33, Муъминобод 44, Вахш 42, Хуросон 24, Ҷалолиддини Балхӣ 27, Бохтар 58, Абдурҳамони Ҷомӣ 31, Сарбанд 46, Ёвон 67, Роғун 29, Лахш 25, Файзобод 83, Варзоб 51, Шаҳринав 31 ва Сангвор 26 адад шахси ҳуқуқӣ сармояи оинномавии худро ташаккул надодаанд.

Ҳамчунин, масъалаи ташаккул додани сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ дар қайди Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) ва Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) низ таҳти назорати алоҳида қарор дода шудааст. Таҳлили маълумоти пешниҳоднамудаи бахшҳои НАК ва НАМ муайян намудааст, ки дар маҷмӯъ, 90 фоизи андозсупорандагон сармояи оинномавии худро пурра намуда, дар ин хусус ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷати тасдиқкунанда пешниҳод карда, маълумоти мазкур ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид шудааст

Дар маҷмӯъ, таҳлили ҳисоботи Системаи иттилоотии андоз "Равзанаи ягона" нисбати ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ нишон дод, ки дар 2723 ҳолат ба сифати ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ташаккулёбии сармояи оинномавӣ тавозуни корхонаҳо қабул ва ба иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид шудааст.

Гуфта мешавад, ки тибқи мактуби дастури Кумитаи андоз ба инобат гирифтани тавозуни корхона иҷозат дода шудааст. Аммо таҳлили тавозуни корхонаҳои алоҳида нишон медиҳад, ки аз ҷониби кормандони бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалҳо бидуни таҳлили амиқ тавозуни корхонаҳо ба инобат гирифта шудааст. Аз ҷумла, дар тавозуни корхонаҳо маблағи воситаҳои асосии онҳо ба маблағи сармояи оинномавии эълоннамудаашон мутобиқат намекунад. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар баъзе ҳолат кормандони бахшҳо ҳуҷҷатҳои ибтидоиро оид ба дороиҳои корхонаҳо талаб накарда, танҳо дар асоси маълумоти тавозун сармояи оинномавии корхонаҳоро ташаккулёфта ҳисоб намудаанд.

М. Меликов илова кард, ки ҳолати зикргардида дар ҷаласаҳои ҳисоботӣ баррасӣ гардида, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ огоҳ гардида буданд, ки минбаъд ҳангоми қабули тавозун ҳатман ҳуҷҷатҳои ибтидоиро оид ба амволи ғайриманқул, маблағҳои пулӣ ва дигар дороиҳои корхонаҳо талаб карда, омӯхта баъдан ба инобат гиранд. Новобаста аз ин, ҳанӯз ҳам ҳолатҳои ба инобат гирифтани тавозунҳои беасос ҷой доранд. Бинобар ин, кормандони бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалҳоро зарур аст, ки дар мавриди пешниҳод гардидани тавозуни муҳосибӣ асоснокии онро якҷоя бо дигар воҳидҳои сохтории мақомот, аз ҷумла шуъба ва бахшҳои санҷиши андозҳо омӯхта баъдан хулосабарорӣ намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки дохил намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба ташаккул додани сармояи оинномавӣ ба манфиати андозсупорандагон буда, ҳамзамон маълумоти Феҳристи ягонаи давлатиро пурра менамояд.

Бо дарназардошти ҳолати зикргардида кормандони бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки корро дар самти пурра намудани сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ ва дар ин хусус дохил намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ дар сатҳу сифати нав ба роҳ монанд.

Бояд гуфт, ки дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад бо талаби барҳам додани шахси ҳуқуқие, ки сармояи оинномавии худро дар Феҳристи ягонаи давлатӣ ташаккул надодааст, ба суд мурожиат кунад. Барои пардохти сармояи оинномавӣ метавонанд, пардохтҳои пулӣ ва ҳам молӣ асос шаванд. Ба пардохтҳои молӣ бино, иншоот, таҷҳизот, захираҳои моддӣ ва дигар масолеҳи арзишнок, ки арзиши онҳо нархгузорӣ шудааст ва ба пардохтҳои пулӣ пардохтнома ва маълумотномаи бонкҳо ва ташкилотҳои амонати қарзии хурд дохил мешаванд.

**Аз ин рӯ, аз андозсупорандагон даъват ба амал оварда мешавад, ки барои ташаккул додани сармояи оинномавӣ ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли зисти худ муроҷиат намуда, барои ворид намудани маълумоти зарурӣ ба Феҳрести ягонаи давлтӣ мусоидат намоянд.**

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### Футбольный тренер Жозе Моуринью оштрафован на 3,3 млн евро за неуплату налогов



**Ранее он признал себя виновным в неуплате налогов и получил годичный условный срок**

Португальский футбольный тренер Жозе Моуринью оштрафован на 3,3 млн евро за неуплату налогов в Испании, пишет ТАСС со ссылкой на EuroPapers.

Ранее Моуринью признал себя виновным в неуплате налогов и получил годичный условный срок. Он признал, что, будучи главным тренером мадридского «Реала» скрыл от Минфина Испании доходы за имиджевые права с помощью компании на Британских Виргинских островах. В 2011 г. он не заплатил 1,6 млн евро, в 2012 г. — 1,7 млн евро. За каждое правонарушение он должен был получить шесть месяцев тюрьмы, по испанскому законодательству, наказание на срок менее двух лет за неуплату налогов считается условным.

Стоит отметить, что в июле 2018 г. Моуринью уже выплатил испанским налоговикам 400 тыс. евро.

http://taxpravo.ru/novosti

# Шаҳрвандоне, ки аз андози молу мулки ғайриманқул қарздоранд

Масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани бақияпулиҳои андоз, инчунин, давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии мақомоти андоз шудааст.

Баъзе аз шаҳрвандон бо сабаби каммаърифатӣ барои пардохтани андозҳои молу мулки ғайриманқул таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд ё дидаю дониста ба пинҳонкунии андозҳо даст мезананд. Гумон мекунанд, ки бо пинҳонкории маблағҳои андози худ кори худро осон менамоянд ва ё маблағи андози объектҳои ғайриманқули онҳоро мақомоти андоз фаромӯш мекунад. Вале ин тавр нест. Қарзи андоз рӯз аз рӯз афзоиш ёфта, пардохтанаш мушкилтар мегардад. Дар ин ҳол, кормандони мақомоти андозро зарур меояд, ки бақияи қарзи андозҳои чунин шахсонро маҷбуран биситонанд.



Бояд қайд намуд, ки тартиби ҳисобкунии фоизҳо ва маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон на барои ҷазо додани андозсупоранда ё вазнин намудани шароити молиявии он пешбинӣ шудааст, балки бо он мақсад аст, ки худи андозсупоранда ё шаҳрванд кӯшиш намояд ба пайдошавии бақияи қарзи андозҳо роҳ надиҳад ва дар ҳолати буҳронӣ ё муфлисшавӣ қарор гирифтани вазъи молиявии худро пешгирӣ намояд.

Ҳолатҳои зиёди пинҳонкунии андозҳо ва ба муҳлатҳои тӯлонӣ аз ҷониби соҳибмулкон пардохт нашудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат зимни санҷишҳои мақомоти андоз ошкор мегардад ва ҳамзамон, нисбати андозсупорандагони мазкур мутобиқи талаботи муқарраршуда тадбирҳои аввалиндараҷа андешида мешавад. Дар ҷадвали зерин рӯйхати нафаронеро, ки бақияи қарзи андозҳояшон рӯз аз рӯз дар ҳоли афзоиш аст, пешниҳод мекунем, то ин ки бо дидани ному насаби худ дар рӯзнома пайи рафъи камбудиҳо гардаданд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## РӮЙХАТИ СОҲИБМУЛКОНЕ, КИ ДАР НАЗДИ БУҶЕТ БА ҲОЛАТИ 01.01.2019 АЗ АНДОЗИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ҚАРЗДОР МЕБОШАНД

| № | Ном ва насаби соҳибмулк | Суроғаи ҷойгиршавии объекти молу мулки ғайриманқул | Маблағи қарз (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ҶАЙҲУН** | | | |
| 1 | Қаюм Шобадалов | Ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ | 5000 |
| 2 | Сафарбек Нурбулоев | Ҷамоати деҳоти В. Миллӣ | 5000 |
| 3 | Хайрулло Маҳмадов | Ҷамоати деҳоти Панҷ | 4000 |
| 4 | Акрамбек Ибрагимов | Ҷамоати деҳоти Панҷ | 2500 |
| 5 | Назрихуҷа Валиев | Ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ | 3700 |
| 6 | Ҳафиза Табарова | Ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ | 2100 |
| 7 | Тавакал Маҳмадов | Ҷамоати деҳоти Панҷ | 2000 |
| 8 | Ёқуб Шодиев | Ҷамоати деҳоти Истиқлол | 2300 |
| 9 | Абдумуқадир Зайнидинов | Ҷамоати деҳоти Истиқлол | 1500 |
| 10 | Маъруф Ятимов | Ҷамоати шаҳраки Дӯстӣ | 1800 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ БАЛҶУВОН** | | | |
| 1 | Ҳусейн Исматов | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 2800 |
| 2 | Абдуҷабор Раҳимов | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 2048 |
| 3 | Абдуқодир Ҳайдаров | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 963 |
| 4 | Назрулло Сафиев | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 492 |
| 5 | Акобир Турахонов | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 640 |
| 6 | Шамсуло Файзулоев | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 333 |
| 7 | Оламбӣ Ятимова | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 301 |
| 8 | Хайрулло Холматов | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 214 |
| 9 | Сайдалӣ Қурбонов | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 1250 |
| 10 | Бобоқул Шарипов | Ҷамоати деҳоти Сафар Амиршоев | 184 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ШАМСИДДИН ШОҲИН** | | | |
| 1 | Шарофиддин Абдуллоев | Ҷ/д Чагам, деҳаи Навбулоқ | 815 |
| 2 | Авазхон Шарифов | Ҷ/д Доғистон, деҳаи Доғистон | 419 |
| 3 | Нурулло Бобоев | Ҷ/д Доғистон, деҳаи Кафтар | 362 |
| 4 | Ҷумахон Азимов | Ҷ/д Доғистон, деҳаи Кафтар | 388 |
| 5 | Султоншоҳ Темуров | Ҷ/д Доғистон, деҳаи Доғистон | 301 |
| 6 | Ашурмо Орифова | Ҷ/д Чагам, деҳаи Бодомту | 504 |
| 7 | Алихон Ахмедов | Ҷ/д Саричашма, деҳаи З. Шокир | 209 |
| 8 | Нуриддин Баротов | Ҷ/д Чагам, деҳаи Чагами П. | 297 |
| 9 | Салмон Қурбонов | Ҷ/д Доғистон, деҳаи Доғистон | 251 |
| 10 | Бозор Зокиров | Ҷ/д Лангардара, деҳаи Ново | 492 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ВОСЕЪ** | | | |
| 1 | Худоёр Адолов | кӯчаи Абдураҳмони Ҷомӣ | 3236 |
| 2 | Азизулло Ҳикматуллоев | кӯчаи Н. Сулаймонов | 2610 |
| 3 | Раҷабалӣ Бухориев | кӯчаи Абдураҳмони Ҷомӣ | 6740 |
| 4 | Муслиҳиддин Фазлиддинов | кӯчаи Р. Холалӣ | 1824 |
| 5 | Авазхон Зарипов | деҳаи Сербур | 727 |
| 6 | Саймуртазо Бозоров | деҳаи В. Калон | 1871 |
| 7 | Ҳисайн Сабуров | деҳаи П. Миёна | 1104 |
| 8 | Амирхон Ҳалимов | деҳаи Навбаҳор | 2200 |
| 9 | Шералӣ Саидов | деҳаи Гулистон | 1210 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА** | | | |
| 1 | Аҳмад Раҳмонов | Ҷ/д Лоҳур, деҳаи Хурчашма | 12800 |
| 2 | Маҳмуд Ҷалолов | Ҷ/д Лоҳур, деҳаи Хурчашма | 4120 |
| 3 | Абдулло Исматов | кӯчаи Киров, Бинокорон | 8550 |
| 4 | Аслиддин Нуралиев | кӯчаи Шарқ | 8700 |
| 5 | Сафаралӣ Давлатов | Ҷ/д Лоҳур, деҳаи Хурчашма | 1980 |
| 6 | Фирӯз Абдулҳақов | Бозори марказӣ | 3500 |
| 7 | Сафаров Файзиддин | Ҷ/д И. Шариф | 3500 |
| 8 | Ибодулло Суфиев | Ҷ/д И. Шариф | 1500 |
| 9 | Баҳодур Қурбонов | Ҷ/д Себистон | 6000 |
| 10 | Фирӯз Ғаниев | Ҷ/д Корез | 1200 |
| 11 | Муродалӣ Ғаниев | Ҷ/д Корез | 1100 |
| 12 | Файзиддин Сафаров | Ҷ/д Сангтуда ва Шаҳрак | 11225 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ДӮСТӢ** | | | |
| 1 | Тоҳир Сандалов | Ҷ/д Ҷиликул | 255 |
| 2 | Ибрагим Турдиев | Ҷ/д Ҷиликул | 224 |
| 3 | Тоир Раҷабов | Ҷ/д Ҷиликул | 596 |
| 4 | Абдусалим Бекмуродов | Ҷ/д Нури Вахш | 463 |
| 5 | Абдужапар Султонов | Ҷ/д Нури Вахш | 673 |
| 6 | Тулкин Хоҷақулов | Ҷ/д Нури Вахш | 1771 |
| 7 | Қудрат Султонов | Ҷ/д Нури Вахш | 568 |
| 8 | Рустам Мукумов | Ҷ/д Нури Вахш | 1213 |
| 9 | Абдураҳим Султонов | Ҷ/д Нури Вахш | 349 |
| 10 | Бобомурод Шахонов | Ҷ/д Ҷиликул | 215 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН** | | | |
| 1 | Акрам Насимов | кӯчаи Шерозӣ - 2 | 3000 |
| 2 | Ч. Муртазоева | н. Қубодиён | 2845 |
| 3 | Файзиддин Наимов | кӯчаи Шерозӣ - 2 | 7800 |
| 4 | Туғон Шарипов | Ҷ/д И. Ниёзов, деҳаи Зиракӣ | 3500 |
| 5 | Муҳсидин Зарипов | кӯчаи Қизилтоҷикистон | 4550 |
| 6 | Баҳодур Мирзоев | Ҷ\д 20 – Солагӣ, деҳаи Докки | 1145 |
| 7 | Нурали Ҳайдаров | Ҷ\д 20 – Солагӣ, деҳаи Лайлакуя | 1192 |
| 8 | Ора Абдураҳмонов | Ҷ/д И. Ниёзов, деҳаи Чорбоғ | 2500 |
| 9 | Алӣ Кулматов | Ҷ/д И. Ниёзов, деҳаи Чорбоғ | 2650 |
| 10 | Тухта Шарипова | Ҷ\д 20 – Солагӣ, деҳаи Лайлакуя | 1091 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ КУШОНИЁН** | | | |
| 1 | Сайдалӣ Собиров | Ҷ/ш И. Сомонӣ, кӯчаи З. Наимов | 620 |
| 2 | Сафархон Ҳайдаров | Ҷ/д Заргар, деҳаи Б. Ҳосилот | 1228 |
| 3 | Маҳмашариф Малаев | Ҷ/д Заргар, деҳаи Б. Ҳосилот | 680 |
| 4 | Саймуддин Бозоров | Ҷ/д Меҳнатобод, деҳаи Меҳнатобод | 250 |
| 5 | Дусмурод Муҳидинов | Ҷ/д Меҳнатобод, деҳаи Меҳнатобод | 647 |
| 6 | Маҳмадулло Шарбатов | Ҷ/ш Бохтариён, деҳаи Х. Хоҷаев | 465 |
| 7 | Мирзо Ҳайдаров | Ҷ/ш Бохтариён, деҳаи 50 - Солагии Октябр | 1250 |
| 8 | Саврӣ Боева | Ҷ/д Заргар, деҳаи Б. Ҳосилот | 645 |
| 9 | Шарипов Исматулло | Ҷ/д Меҳнатобод, деҳаи К-Байрақ | 563 |
| 10 | Зубайдулло Абдуллоев | Ҷ/д Заргар, деҳаи К. Партизан | 331 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ ШАҲРИ НОРАК** | | | |
| 1 | Н. Қурбонов | кӯчаи Харковский | 3707 |
| 2 | Х. Икромов | кӯчаи Харковский | 7140 |
| 3 | С. Холмуродов | кӯчаи Харковский | 6837 |
| 4 | Ч. Файзуллоев | маҳаллаи Ч. Каримзода | 6250 |
| 5 | С. Саидов | маҳаллаи Ч. Каримзода | 5504 |
| 6 | М. Саъдуллоев | маҳаллаи Ч. Каримзода | 4804 |
| 7 | Ю. Насруллоев | маҳаллаи Ч. Каримзода | 4676 |
| 8 | М. Салимов | кӯчаи Р. Шодӣ | 4438 |
| 9 | Х. Ёров | кӯчаи Р. Шодӣ | 4248 |
| 10 | М. Гурезов | кӯчаи Р. Шодӣ | 3909 |
| **СОҲИБМУЛКОНИ НОҲИЯИ ФАРХОР** | | | |
| 1 | Хайрулло Алиев | деҳаи Некманзар | 143 |
| 2 | Гулбарг Назарова | кӯчаи К. Иброҳимов | 161 |
| 3 | Саидумар Сайзуҳуров | деҳаи Муҳоҷиробод | 604 |
| 4 | Мирзошариф Ҷалилов | деҳаи Аловуддин | 249 |
| 5 | Зуҳуршо Нозимов | деҳаи Аловуддин | 82 |
| 6 | Эмомалӣ Исломов | деҳаи Шараф | 82 |
| 7 | Хайрулло Қосимов | деҳаи Аловуддин | 187 |
| 8 | Нуралӣ Холназаров | деҳаи Шараф | 244 |
| 9 | Сангаҳмад Маҳмадшоев | деҳаи Ҷайралӣ | 652 |
| 10 | Собирҷон Зарипов | кӯчаи С. Карим | 1468 |

# Хатари нобаробарии даромадҳо ба иқтисодиёт

Нобаробарии даромадҳо масъалаи мушкили тамоми кишварҳои олам аст, вале то ҳол роҳи раҳоӣ аз онро инсоният пайдо накардааст. Масалан, дар Россия дар давоми 30 соли охир даромадҳои қишрҳои камбизоати аҳолӣ 20 фоиз коҳиш ёфта, бархилофи он сарватмандон, ки ҳамагӣ як дарсади аҳолиро ташкил медиҳанд, рӯз аз рӯз сарватмандтар мешаванд ва даромадҳои онҳо баробари 429 фоиз афзудааст. Олими маъруфи иқтисодшинос ва ходими сиёсӣ Роберт Райх тамоми умр бо зуҳуроти нобаробарӣ мубориза мебарад ва дар давоми фаъолияташ табиати зуҳуроти мазкурро омӯхта, хатари онро қайд намудааст.



## Ҳама ва ҳеҷ чиз

Маҷаллаи Тайм Райхро дар сафи даҳгонаи вазирони бобарортарини амрикоӣ асри ХХ ҷой додааст. Солҳои гуногун аз вазифаҳои профессори Донишгоҳи Гарвард сар карда, узви комиссияи савдо, роҳбари гурӯҳи иқтисодии ситоди пешазинтихоботии Билл Клинтон, сипас вазири меҳнатро иҷро карда, барои аз байн бурдан ё камтар кардани нобаробарӣ дар ҷомеаи Амрико тамоми корҳои аз дасташ меомадаро кардааст.

Тавре худи Райх мегӯяд, нобаробарии даромадҳо худ ба худ зуҳуроти табиӣ аст ва таҳкурсии ҷомеаи сармоядорӣ мебошад. Нобаробарӣ дар навбати худ чизи бад нест, зеро хоҳиши сарватманд шудану дар ҷомеа ба зинаҳои баланд расидан барои одам ангезаи беҳтарин ва гардонандаи чархи болоравии иқтисодиёти ҳар гуна давлат аст.

Бо вуҷуди он, ҳоло зуҳуроти нобаробарӣ шакли дурушт пайдо карда, барои аксари одамон ба мушкили асосӣ табдил ёфта истодааст. Олим ба он чиз аҳамият додааст, ки дар ИМА ду намуди иқтисодиёт вуҷуд дорад. Аз як тараф ИМА абарқудрат ва гулгулшукуфон буда, иқтисодиёти он қариб чоряки Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро ташкил медиҳад ва зиёда аз нисфи саҳмияҳои ҷаҳон ба ширкатҳои амрикоӣ тааллуқ доранд.

«Даҳсолаҳои охир иқтисодиёти амрикоӣ босуръат пеш рафта, синфи миёнаи амрикоиён ба гирифтани ҳиссаи худ аз ҳосили он умед доштанд. Вале фиреб хӯрданд. Қисми калони дастовардҳои иқтисодӣ насиби табақаи болоии ҷомеа гашт», - навиштааст Райх дар китобаш «Пас аз мадҳушӣ».

Мутаассифона, иқтисодиёти пуриқтидори ИМА рӯи дигаре низ дорад, ки онро амрикоиёни қаторӣ дар зиндагии худ эҳсос мекунанд. Рӯи дигар ҳамон болоравии нархҳо, паст шудани даромадҳо ва афзоиши бекорӣ мебошанд. Агар соли 1978 музди миёнаи меҳнати корманди амрикоӣ дар як сол 48 ҳазор долларро ташкил медода бошад, пас дар соли 2010 бо сабаби таваррум то 33 ҳазор доллар паст шудааст. Дар муқобили он, даромади миёнаи сарватмандони амрикоӣ дар давоми сӣ соли номбаршуда аз 390 ҳазор то 1,1 миллион доллар афзудааст.

> Акнун худатон андеша кунед, - қайд кардааст профессор Райх. – Ҳамагӣ 400 нафар амрикоиёни сарватмандтарин дар муқоиса ба 150 миллион шаҳрвандони кишвар, ки нисфи аҳолии ИМА-ро ташкил медиҳанд, маблағи зиёдтар истифода мебаранд.

## Раҳоӣ аз таназзул

Иқтисодшинос чунин ҳолатро ташвишовар номидааст, зеро маҳз синфи миёна муроттабии иқтисодиётро таъмин мекунад, вале аз солҳои 20-уми асри гузашта сар карда дар ИМА чунин миқдори калони бекорӣ ғун нашуда буд. Камбуди пулии аҳолӣ боиси коҳиш ёфтани қобилияти харидории одамон гашта, дар маҷмӯъ, ба иқтисодиёт зарба мезанад. Буҷет бо сабаби пурра ғун нашудани андозҳо дорои каср буда, ҳукумат хароҷот барои тандурустӣ ва маорифро коҳиш медиҳад, истеҳсолот фалаҷ мегардад ва сафи бекорон рӯз ба рӯз афзоиш меёбад.

Ҳамаи ҳамин масъалаҳо пеш аз Таназзули бузург, ки соли 1929 оғоз шуда буд, ба амал омада буданд. Райх хотиррасон мекунад. ки ҳамон солҳо 25 фоизи тамоми пулҳои кишвар дар дасти даҳҳо сарватмандони азим ғун шуда буд ва ҳамин рақам ҳоло ба 23 фоиз расидааст.

Амрикоиёни қаторӣ бо вуҷуди паст шудани даромадҳояшон муддати тулонӣ сатҳи муқаррарии зиндагиашонро нигоҳ дошта метавонистанд. Вале барои ба чунин ҳолат комёб шудан, онҳо маҷбур мешуданд, ки аз баъзе нокомиҳо розӣ шаванд. Масалан, солҳои 70-уми асри ХХ бозори меҳнати Амрикоро занҳо пур карда буданд, зеро тавассути кор кардан онҳо мехостанд фарқи байни болоравии нархҳо ва музди меҳнати бетағйир боқимондаи шавҳаронашонро ҷуброн кунанд. Солҳои 90-ум дар ҳамаи иёлатҳои ИМА миқдори соати корӣ зиёд шуда, одамон дар ду ё се ҷой кор мекарданд. Ҳоло аксари одамон дар як ҳафта то 70 соат кор мекунанд, ки дар як сол нисбат ба аврупоиён 300 соат зиёд аст.

«Аксари одамон намефаҳманд, ки бо кадом сабаб зиндагиашон хароб шуд, барои чӣ бо вуҷуди зиёд кор кардан сатҳи пештараи зиндагиашонро нигоҳ дошта наметавонанд, - гуфтааст Райх. – Одамон бонкҳо ва ҳукуматро айбдор дониста, дар амал намефаҳманд, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст».

Одамон ба воқеияти иқтисодӣ дар баробари баланд шудани арзиши манзил, таҳсил, суғуртаи тиббӣ муқовимат карда натавониста, маҷбур мешаванд хонаҳояшонро ба гарав гузошта, аз бонкҳо қарз гиранд. Ҳоло ҳаҷми чунин қарзҳо ба миллиардҳо доллар расидааст.

## Беҳтар кардан мехостанд

Чӣ воқеае ба амал омад, ки нобаробарӣ дар ҷомеа тезу тунд гашта, бештар ҳис мешавад? Ба андешаи профессор Райх сиёсати андозии президент Роналд Рейган оғози ҳамаи нокомиҳои мардум гаштааст. Аз замони ба поён расидани Таназзули бузург то солҳои 70-ум меъёри андоз аз даромади ширкатҳои калон ҳаргиз аз 70 фоиз паст нашуда буд ва ҳамон солҳоро Райх солҳои гулгулшукуфии бузурги Америка номидааст.

Вале Рейган дар сиёсати иқтисодиаш ба ғояи «иқтисодиёти пешниҳодот» такя намуда, кӯшиш мекард, ки бо роҳи паст кардани меъёри андозҳои кишвар ғояашро ҷорӣ намояд. Меъёри ҳадди аксари андоз аз даромади ширкатҳо аз 70 фоиз то 28 фоиз паст карда шуд. Президенти Америка даъво дошт, ки болоравии имконпазири иқтисодиёт баъд аз паст кардани андозҳо даромадҳои аздастрафтаро ҷуброн менамояд. Самти иқтисодии президенти 40-уми ИМА, ки онро «рейганомика» низ меномиданд, мавзӯи баҳсҳои зиёд низ гаштааст.

Дар замони ҳукмронии Билл Клинтон меъёри андози мазкур баланд шуда, то 39 фоиз расид. Зиёда аз он, Клинтон меъёри максималии маоши роҳбарони ширкатҳоро дар як сол то як миллион доллар муқаррар намуд. «Вале вақти дар сатҳи қонунгузорӣ ҷорӣ намудани қоидаи мазкур, аз хазинадорӣ пешниҳод карданд, ки маоши директорро ба сатҳи фоидаи ширкат алоқаманд гардонанд ва онро бо миллион доллар маҳдуд насозанд. Директорон ва шӯроҳои директорон маошро ба воситаи саҳмияҳо пардохт мекардагӣ шуданд. Ваъдаи пешазинтихоботии Билл Клинтон бо ҳамин роҳ аз байн рафт», - гуфтааст Райх.

Дар замони Ҷорҷ Буши калонӣ меъёри ҳадди аксари андоз 35 фоизро ташкил медод ва ҳамин меъёр то соли 2017 боқӣ монд. Тавре дида мешавад, фоизи мазкур барои амрикоиёни қаторӣ хеле баланд намояд ҳам, вале барои сарватмандон комилан тоқатпазир буд. Аксари миллиардерҳо бо ҳамин фоизи паст ҳам андоз пардохт намекарданд, зеро даромади асосиашон аз ҳисоби инвеститсияҳо ба даст меомад, ки ҳамагӣ 15% андозбандӣ мешуданд.

> Андозҳои ман дар соли ҷорӣ ҳамагӣ 17,7 фоизро ташкил дод, - гуфтааст боре Уоррен Баффет, бузургтарин инвестори ҷаҳон. - Аммо кормандонам ба ҳисоби миёна 32,9 фоиз андоз пардохт мекунанд. Ягон кормандам, ҳатто котибаам ба монанди ман андози кам пардохт накардаанд. Низоми андозбандӣ дар даҳсолаи охир ба манфиати сарватмандон ва хилофи синфи миёна кор кардааст.

## Дар ду курсӣ нишастан

Робитаи қавии сарватмандон ва сиёсатмадорон кайҳост, ки боиси ташвиши амрикоиён гаштааст. Вақте соли 2016 дар интихоботи президентӣ Доналд Трампи бизнесмен дастболо шуд, норозигии қисм демократии ҷомеа ба авҷи аълояш расид.

Ҳоло дар Америка ақидае ҳукмрон аст, ки президенти ИМА мансабашро ба хотири ба бизнес фоида овардан истифода мебарад. Сиёсати андозиаш шоҳиди гуфтаҳои боло аст. Ҳамтои пешинаи Трамп Барак Обама хилофи он буд, ки синфи миёна нисбат ба миллионерон андози баланд пардохт мекунад ва ба ҳамин мақсад ба Кодекси андоз тағйиру иловаҳои марбут ворид кард. Аз ҷумла, вай андоз аз дивидендҳоро аз 15 фоиз то 23,8 фоиз, баъдтар то 28 фоиз баланд бардошт.

Андешаҳои Трамп комилан дигар аст ва яке аз афзалиятҳои вай барои бизнес, ширкатҳо ва корхонаҳо сабук кардани гаронии андозҳо мебошад. Тахти роҳбарии ӯ, масалан, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ аз 35 фоиз ба 21 фоиз паст шуд.

Эҳтимол, дар замоне, ки дар ҷаҳон то ҳол камбизоатӣ вуҷуд дорад, дар бораи баробарӣ гуфтугӯ кардан барвақт аст. Дар ибтидо ба он ноил шудан лозим аст, ки ҳар як одам барои зиндагӣ бо маблағ тамин бошад ва ҳамин омил қадами асосӣ дар мубориза бо беадолатии шадиди иҷтимоӣ мегардад.

**Таҳияи А.ВОҲИДОВ**

*№1980/13.3 аз 12.02.2019*

## БА МАҚОМОТИ ҲУДУДИИ АНДОЗ, ШУЪБА ВА БАХШҲОИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ ВА СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013, №361 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» Фармоиши якҷояи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент» аз 28 январи соли 2019, №15 ва №1-ф, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 феврали соли 2019, №735 «в» ба қайд гирифта шудааст, барои иҷро ирсол менамояд.

Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки дар асоси патент пардохта мешаванд, тибқи тартиби муқарраршуда бо дарназардошти сатҳи таваррум дар соли 2018-ум 5,4 фоиз индексатсия шуда, аз моҳи феврали соли 2019 мавриди амал қарор дода мешаванд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор мешаванд, ки аз моҳи феврали соли 2019 оғоз намуда, нисбат ба соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият менамоянд, меъёрҳои дар асоси Фармоиши муштарак тасдиқшударо бо дарназардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ татбиқ намоянд.

Ҳамчунин, минбаъд меъёри андози иҷтимоии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда новобаста аз даромади бадастомада, набояд аз ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ барои патент, яъне 124,0 сомонӣ кам бошад. Андозаи андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, бо дарназардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ муайян карда мешавад.

**Раиси Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. ДАВЛАТЗОДА**

**Вазорати молияи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз «28» январи соли 2019**
**№ 15**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз «28» январи соли 2019**
**№ 1-Ф**

# ФАРМОИШ

**«Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент»**

Мутобиқи банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013, №361 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451»,

**ФАРМОИШ МЕДИҲЕМ:**

1. Бо дарназардошти сатҳи таваррум дар соли 2018, ки тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018-ум 5,4 фоизро ташкил медиҳад, андозаҳои индексатсияшудаи пардохт барои патент (андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ) мувофиқи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар асоси патент амалӣ мешаванд, барои соли 2019 тасдиқ карда шаванд (замима мешавад).
2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шавад ва он пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани Фармоиши мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас кардани он чораҷӯӣ намояд.
4. Фармоиши якҷояи Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.01.2016, №13 ва №1-Ф «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2016, №735 "б" ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

**Вазири молияи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Ф. Қаҳҳорзода**

**Раиси Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Н. Давлатзода**

Замима ба Фармоиши якҷояи
Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ва Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» январи соли 2019, №15 ва №1-Ф

**НОМГӮИ**
**намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ мешаванд ва андозаҳои индексатсияшудаи пардохт**

(сомонӣ дар як моҳ)

| № | Намуди фаъолият | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Маблағи патент |
|---|---|---|---|---|
| | **ФУРӮШИ МОЛҲОИ НИЁЗИ МАРДУМ** | | | |
| 1 | Фурӯши яхмос, маҳсулоти қаннодӣ, асал, ҳама гуна шириниҳо, самбӯса, биринҷ ва меваи хушк | 111,0 | 56,0 | 167,0 |
| 2 | Фурӯши мева, аз ҷумла ситрусӣ, инчунин тарбуз, харбуза ва каду | 86,0 | 43,0 | 129,0 |
| 3 | Фурӯши сабзавоти тару тоза, туршонидашуда, маҳсулоти ширӣ, тухм (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 62,0 | 31,0 | 93,0 |
| 4 | Фурӯши нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, квас, оби газнок (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 5 | Фурӯши нос | 197,0 | 99,0 | 296,0 |
| 6 | Фурӯши ғайристатсионарии нон, кулча ва маҳсулоти нонӣ, фурӯши патароқи ҷуворимакка (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 48,0 | 25,0 | 73,0 |
| 7 | Фурӯши равған, моҳӣ (дар ҳама намуд), паранда ва ҳайвоноти хонагӣ, хӯроквории ва қафасҳо барои онҳо, лавозимоти моҳигирӣ | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 8 | Фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти барқӣ дар растаҳо | 148,0 | 99,0 | 247,0 |
| 9 | Фурӯши молҳои омехтаи ниёзи мардум ва хӯроквории дар растаҳои ғайристатсионарӣ, аз ҷумла: | | | |
| | $9^1$ - дар растаҳои то 3м | 84,0 | 42,0 | 126,0 |
| | $9^2$ - дар растаҳои зиёда аз 3м то 4м | 105,0 | 53,0 | 158,0 |
| | $9^3$ – дар растаҳои зиёда аз 4м то 5м | 137,0 | 63,0 | 200,0 |
| | $9^4$ – дар растаҳои зиёда аз 5м то 6м | 158,0 | 74,0 | 232,0 |
| | $9^5$ – дар растаҳои зиёда аз 6м то 7м | 179,0 | 84,0 | 263,0 |
| | $9^6$ – дар растаҳои зиёда аз 7м то 8м | 200,0 | 95,0 | 295,0 |
| | $9^7$ – дар растаҳои зиёда аз 8м то 9м | 211,0 | 105,0 | 316,0 |
| | $9^8$ – дар растаҳои зиёда аз 9м то 10м (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 221,0 | 116,0 | 337,0 |
| 10 | Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ (ба истиснои техникаи маишӣ ва телефонҳои мобилӣ, бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо): | | | |
| | - то 10 $м^2$ | 242,0 | 105,0 | 347,0 |
| | - зиёда аз 10 $м^2$ то 15 $м^2$ | 369,0 | 116,0 | 485,0 |
| | - зиёда аз 15 $м^2$ то 20 $м^2$ | 495,0 | 121,0 | 616,0 |
| | - барои шаҳри Душанбе 100 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - барои шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб 80 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 60 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - берун аз марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 50 фоизи маблағи нишондодашуда (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | | | |
| 11 | Хориҷ карда шуд (қарори ҲҶТ аз 13.02.2018, №60) | | | |
| 12 | Фурӯши маҳсулоти конселярӣ ва бозичаҳои кӯдакона (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 13 | Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ: | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| | - дар растаи то 2м | | | |
| | - дар растаи аз 2м то 4м | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 14 | Фурӯши ангишт ва ҳезум (ғайристатсионарӣ) | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 15 | Омода кардан ва (ё) фурӯши таомҳо бе ҷои нишаст ва берун аз биноҳои статсионарӣ | 48,0 | 25,0 | 73,0 |
| 16 | Фурӯши гулҳои тару тоза | 197,0 | 99,0 | 296,0 |
| 17 | Фурӯши маҳсулот аз пластмасса, гулҳои сунъӣ, маҳсулот аз полиэтилен ва коғаз | 62,0 | 31,0 | 93,0 |
| | **ХИЗМАТРАСОНИИ НАҚЛИЁТӢ** | | | |
| 18 | Кашонидани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрав | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 19 | Кашонидани мусофирон ба воситаи микроавтобусҳо | 124,0 | 62,0 | 186,0 |
| 20 | Кашонидани мусофирон ба воситаи автобусҳо | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 21 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш то 3 тонна ва эвакуаторҳо | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 22 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 3 то 5 тонна | 124,0 | 62,0 | 186,0 |
| 23 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 5 то 20 тонна | 197,0 | 99,0 | 296,0 |
| 24 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш зиёда аз 20 тонна | 617,0 | 124,0 | 741,0 |
| 25 | Кашонидани маҳсулоти нафтӣ, гази моеъ, семент ва бетон ба воситаи нақлиёти махсусгардонидашуда | 246,0 | 124,0 | 370,0 |
| 26 | Кашонидани борҳо бо трактор | 48,0 | 25,0 | 73,0 |
| 27 | Кашонидани борҳо ба воситаи мотороллерҳо | 30,0 | 15,0 | 45,0 |
| | **ДИГАР НАМУДИ ХИЗМАТРАСОНӢ** | | | |
| 28 | Шудгор ва коркарди замин бо техникаи кишоварзӣ | 124,0 | 62,0 | 186,0 |
| 29 | Кӯфтан ва ҷамъоварии зироатҳои ғалла бо техникаи кишоварзӣ, инчунин бурдан ва расонидани ёрии муҳосибӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 30 | Сурудхонӣ дар ҷашну маъракаҳо | 543,0 | 124,0 | 667,0 |
| 31 | Ба иҷора додани либоси тӯёна (ба истиснои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб) | 444,0 | 99,0 | 543,0 |
| 32 | Навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 33 | Истифодаи таҷҳизоти радио, телевизион ва таҷҳизоти дигар барои ороишоти макони баргузории ҷашну маъракаҳо. Сабти мусиқӣ дар телефони мобилӣ, фурӯши дискҳои (фиттаҳои) аудиоӣ ва видеоӣ (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 148,0 | 74,0 | 222,0 |
| 34 | Банаворгирии ҷашну маъракаҳо ва истифодаи нақлиёти махсуси автомобилӣ дар базмҳои арӯсӣ | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 35 | Хизматрасониҳои сантехникӣ, электрикӣ, суратгирии берун аз бино, фаъолияти дӯзандагӣ, косметикӣ, сартарошӣ, хизматрасониҳои таълимӣ-репетиторӣ. Таъмири асбобҳои мусиқӣ. Барқдиҳии аккумуляторҳо, дӯхтани ҷилдҳо барои воситаҳои нақлиёт (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 36 | Таъмир, вулканизатсия ва шустушӯи воситаҳои нақлиёт дар ҷойҳои махсусгардонидашуда, кафшергарӣ, корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзғор (ба истиснои истеҳсоли дарвоза, тиреза ва панҷара) (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 197,0 | 99,0 | 296,0 |
| 37 | Хизматрасониҳои баҳрнавардӣ тавасути киштиҳои хурдҳаҷм, ҷуфткиштӣ (катамаран) ва скутерҳо (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 105,0 | 74,0 | 179,0 |
| 38 | Хизмати миёнаравӣ дар бозор (даллолӣ), бахия кардани маҳсулоти қолинӣ, хизматрасонии тарозу, тез кардани корду асбобҳо, тайёр намудани калидҳо (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 50,0 | 25,0 | 75,0 |
| 39 | Хизматрасонӣ оид ба иҷрои корҳо дар хонаҳо (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 37,0 | 19,0 | 56,0 |
| | | | | |
| 40 | Муқовакунии ҳуҷҷатҳо, нусхагирӣ (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 50,0 | 25,0 | 75,0 |
| 41 | Фаъолияти маҳсгарӣ дар хона, ба иҷора додани мизу курсӣ (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 42,0 | 32,0 | 74,0 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 42 | Ҳоҷатхонаи ҷамъиятии музднок (пулакӣ) | 148,0 | 75,0 | 223,0 |
| 43 | Тайёр намудани санги мазор, пешниҳоди тахтаи эълонҳо ва дигар маълумот (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 84,0 | 42,0 | 126,0 |
| 44 | Хизматрасонии экскаватор ва кранҳои борбардор | 246,0 | 124,0 | 370,0 |
| 45 | Таъмири маҳсулоти ҷавоҳирот | 148,0 | 75,0 | 223,0 |
| 46 | Корҳои ҳаккокӣ, насб ва таъмири антеннаҳои маҳворавӣ, таъмири соат, телефон, зарф ва техникаи маишӣ (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 47 | Корҳои сохтмонию таъмирӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 48 | Хизматрасонии рассомӣ (аз он ҷумла, рақами воситаи нақлиёт, рақамгузории кӯчаҳо) (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 105,0 | 84,0 | 189,0 |
| 49 | Омӯзиши ҳунарҳои миллӣ (дӯзандагӣ, бофандагӣ, риштабофӣ, газворбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ, наққошӣ ба истиснои чунин фаъолиятҳо дар деҳотҷойҳо (қарори ҲҶТ аз 25.01.2017, №45) | 74,0 | 37,0 | 111,0 |

**Министерство финансов Республики Таджикистан от «28» января 2019 года № 15**

**Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан от «28» января 2019 года № 1-Ф**

# РАСПОРЯЖЕНИЕ

**«Об индексации размера платы за патент»**

Согласно пункта 5 постановления Правительства Республики Таджикистан от 3 августа 2013 года, №361 «О внесении изменений и дополнений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 августа 2012 года, №451»,

**Р А С П О Р Я Ж А Е М С Я:**

1. С учетом инфляции 2018 года, составляющая согласно информации Агентства статистики при Президенте Республики Таджикистан за 2018 год 5,4 процента, утвердить за 2019 год индексированные размеры платы за патент (подоходный налог, социальный налог) согласно перечня видов индивидуальной предпринимательской деятельности, которые осуществляются на основе патента (прилагается).

2. Настоящее Распоряжение представить на государственную регистрацию в Министерство юстиции Республики Таджикистан и ввести в действие после государственной регистрации и официального опубликования.

3. Налоговому комитету при Правительстве Республики Таджикистан принять меры для опубликования данного Распоряжения в газетах «Джумхурият» и «Бодж у хиродж», а также доведению его до местных налоговых органов и налогоплательщиков.

4. Признать утратившим силу Совместное распоряжение Министра финансов Республики Таджикистан и Председателя Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан от 19 января 2016 года, №13 и №1-ф «Об индексации размера платы за патент», зарегистрированного в Министерстве юстиции Республики Таджикистан от 26 января 2016 года, №735 «б».

**Министр финансов Республики Таджикистан Ф. Каххорзода**

**Председатель Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан Н. Давлатзода**

Распоряжение Министра финансов Республики Таджикистан и Председателя Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан
от «28» января 2019 года, № 15 и № 1-Ф

**ПЕРЕЧЕНЬ**
**видов индивидуальной предпринимательской деятельности, которые осуществляются на основе патента и индексированные размеры платы за патент**

(в сомони за месяц)

| № | Вид деятельности | Подоходный налог | Социальный налог | Сумма патента |
|---|---|---|---|---|
| | **РЕАЛИЗАЦИЯ ТОВАРОВ НАРОДНОГО ПОТРЕБЛЕНИЯ** | | | |
| 1 | Реализация мороженого, кондитерских изделий, меда, всех видов сладостей, самбусы, риса и сухофруктов | 111,0 | 56,0 | 167,0 |
| 2 | Реализация фруктов, в том числе цитрусовых, а также арбузов, дынь и тыкв | 86,0 | 43,0 | 129,0 |
| 3 | Реализация свежих овощей, соленых и квашеных овощей, молочных продукции, яиц. (в ред. ППРТ от 25.01.2017г. №45) | 62,0 | 31,0 | 93,0 |
| 4 | Реализация безалкогольных напитков, кваса, газированной воды, (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45) | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 5 | Реализация носвая | 197,0 | 99,0 | 296,0 |
| 6 | Реализация в нестационарных точках лепешек, кулчи и хлебопродуктов, реализация кукурузных хлопьев (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45) | 48,0 | 25,0 | 73,0 |
| 7 | Реализация масла, рыбы (в любой форме), домашних птиц и животных, корма и клеток для них, рыболовных принадлежностей | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 8 | Реализация запчастей для транспортных средств, электротоваров и электрооборудования в прилавках | 148,0 | 99,0 | 247,0 |
| 9 | Реализация смешанных товаров народного потребления и продуктов питания с нестационарных прилавков, в том числе: (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45) | | | |
| | $9^1$ - с прилавка до 3 м | 84,0 | 42,0 | 126,0 |
| | $9^2$ - с прилавка от 3 м до 4 м | 105,0 | 53,0 | 158,0 |
| | $9^3$ - с прилавка от 4 м до 5 м | 137,0 | 63,0 | 200,0 |
| | $9^4$ - с прилавка от 5 м до 6 м | 158,0 | 74,0 | 232,0 |
| | $9^5$ - с прилавка от 6 м до 7 м | 179,0 | 84,0 | 263,0 |
| | $9^6$ - с прилавка от 7 м до 8 м | 200,0 | 95,0 | 295,0 |
| | $9^7$- с прилавка от 8 м до 9 м | 211,0 | 105,0 | 316,0 |
| | $9^8$ - с прилавка от 9 м до 10м | 221,0 | 116,0 | 337,0 |
| 10 | Реализация смешанных товаров в отдельных стационарных точках и помещениях (за исключением бытовой техники и мобильных телефонов, без распределения больших торговых помещений на несколько торговых точек) (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | | | |
| | - до 10 $м^2$ | 242,0 | 105,0 | 347,0 |
| | - от 10 $м^2$ до 15 $м^2$ | 369,0 | 116,0 | 485,0 |
| | - от 15 $м^2$ до 20 $м^2$ | 495,0 | 121,0 | 616,0 |
| | - для город Душанбе 100 процентов указанной суммы | | | |
| | - для города Худжанд, Бохтар и Куляб 80 указанной процентов суммы | | | |
| | - административные центры городов и районов 60 процентов суммы | | | |
| | - вне административных центров городов и районов 50 процентов указанной суммы | | | |
| 11 | Исключен (в редакции постановления Правительства РТ от 13.02.2018г №60). | | | |
| 12 | Реализация канцелярских товаров и детских игрушек (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 13 | Реализация сельхозпродукции: | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| | с прилавка до 2 м | | | |
| | с прилавка от 2 м до 4 м | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 14 | Реализация угля и дров (вне стационарных помещений | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 15 | Приготовление и (или) реализация блюд без посадочных мест и вне стационаров | 48,0 | 25,0 | 73,0 |
| 16 | Реализация цветов (свежих) | 197,0 | 99,0 | 296,0 |
| 17 | Реализация товаров из пластмассы искусственых цветов, изделий из полиэтилена и бумаги | 62,0 | 31,0 | 93,0 |
| | **ТРАНСПОРТНОЕ ОБСЛУЖИВАНИЕ** | | | |
| 18 | Перевозка пассажиров легковым автомобильным транспортом | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 19 | Перевозка пассажиров микроавтобусами | 124,0 | 62,0 | 186,0 |
| 20 | Перевозка пассажиров автобусами | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 21 | Перевозка грузов автотранспортом грузоподёмностью до 3 тонн и эвакуаторами | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 22 | Перевозка грузов автотранспортом грузоподёмностью от 3 тонн до 5 тонн | 124,0 | 62,0 | 186,0 |
| 23 | Перевозка грузов автотранспортом грузоподёмностью от 5 тонн до 20 тонн | 197,0 | 99,0 | 296,0 |
| 24 | Перевозка грузов автотранспортом грузоподёмностью свыше 20 тонн | 617,0 | 124,0 | 741,0 |
| 25 | Перевозка нефтепродуктов, сжиженного газа, цемента и бетона специализированным - автотранспортом | 246,0 | 124,0 | 370,0 |
| 26 | Перевозка грузов трактором | 48,0 | 25,0 | 73,0 |
| 27 | Перевозка грузов мотороллерами | 30,0 | 15,0 | 45,0 |
| | **ДРУГИЕ ВИДЫ УСЛУГ** | | | |
| 28 | Вспашка и обработка земель | 124,0 | 62,0 | 186,0 |
| 29 | Обмолот и уборка зерновых культур сельхозтехникой, услуги мельницы, также ведение и оказание бухгалтерской помощи производителям сельскохозяйственной продукции (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 30 | Пение на свадьбах и торжествах | 543,0 | 124,0 | 667,0 |
| 31 | Предоставление в аренду свадебной одежды (за исключением городов Душанбе, Худжанд, Бохтар и Куляб | 444,0 | 99,0 | 543,0 |
| 32 | Музыкальные, танцевальные услуги, услуги ведущего на свадьбах и торжествах | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 33 | Использование радио, теле- и иной аппаратуры для декорации мест проведения торжеств и свадеб. Запись музыки на мобильный телефон, реализация аудио и видео дисков (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 148,0 | 74,0 | 222,0 |
| 34 | Фото - и видеосъемка торжеств и использование специального автотранспорта на свадебных торжествах | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 35 | Сантехнические услуги, услуги электрика, фотосъёмка вне помещений деятельность швейная, косметологическая парикмахерская, учебно-репетиторская. Ремонт музыкальных инструментов. Зарядка аккумуляторов, пошив чехлов для транспортных средств | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 36 | Ремонт, вулканизация и мойка транспортных средств в специализированных местах, сварочные работы кузнечные работы, хозяйственных инструментов (за исключением изготовления ворот, (окон и решеток) (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 197,0 | 99,0 | 296,0 |
| 37 | Услуги мореплавания посредством маломерных судов, катамаранов и скутеров) (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 105,0 | 74,0 | 179,0 |
| 38 | Посредничество на рынке, окантовка ковровых изделий, услуги по взвешиванию, заточке ножей и инструментов, изготовление ключей (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 50,0 | 25,0 | 75,0 |
| 39 | Услуги домработницы по уборке помещений (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 37,0 | 19,0 | 56,0 |
| 40 | Переплет документов, ксерокопия | 50,0 | 25,0 | 75,0 |
| 41 | Услуги массажа в домашних условиях, аренда столов и стульев (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 42,0 | 32,0 | 74,0 |
| 42 | Платный общественный туалет | 148,0 | 75,0 | 223,0 |
| 43 | Изготовление надгробных камней, предоставление места для объявления и других информации (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 84,0 | 42,0 | 126,0 |
| 44 | Услуги экскаватора и подъемных кранов | 246,0 | 124,0 | 370,0 |
| 45 | Ремонт ювелирных изделий | 148,0 | 75,0 | 223,0 |
| 46 | Гравюрные работы, установка и настройка спутниковых антенн, ремонт часов, ремонт телефонов, посуды и бытовом техники | 74,0 | 37,0 | 111,0 |
| 47 | Строительно-монтажные работы на объектах физических лиц | 97,0 | 50,0 | 147,0 |
| 48 | Художественные услуги (в том числе автомобильные номера, нумерация улиц) (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45): | 105,0 | 84,0 | 189,0 |
| 49 | Обучение народно-художественному творчеству (пошиву, ткачеству, плетению нитей и полотна, плотничеству, резьбе по дереву, рисованию, живописи, крашению, миниатюре) (в ред. ППРТ от 25.01.2017г.№45, от 13.02.2018г.№60): | 74,0 | 37,0 | 111,0 |

# Навбосмачиҳо бузургони моро шинохтан ва донистану қабул кардан намехоҳанд

**(Аввалаш дар шумораи гузашта)**

Тарафдорони ин ҳаракат ба маълумоти китобҳое такя мекунанд, ки аз тарафи ҳамон туркҳои ба ин ҷо омада таълиф гардидаанд. Яке аз ин китобҳо «Таърихи Туркистон» мебошад. Маълум аст, ки китоб ба манфиати ин ҳаракат ва саркардагонашон навишта шудааст. Барои ин тарафдорон на навиштаҳои устод Айнӣ, Сайидризо Ализода ва дигарон қимат дорад, балки навиштаи туркҳои ба ин ҷо омада муҳимтару асоситару дурусттар мебошад. Аз китоби Тӯғон Валидов «Шӯриши босмачиён» ё аслан «Қиёми босмачиён» низ истифода мебаранд. Тӯғон Валидов кист? Собиқ котиби якуми Ҳизби коммунисти Бошқирдистон буд. Барои миллатчигии зиддитоторӣ ӯро маҳкум карданду аз вазифа дур сохтанд. Валидов ба Осиёи Миёна омад ва ҳамфикронашро муттаҳид намуда, хост ҳизби коммунистони мусулмон ва баъд давлати мусулмонӣ ташкил бикунад. Чун муваффақ нагардид, ба ҳаракати босмачигарӣ дохил шуду ба як гурӯҳи он роҳбарӣ намуд. Ин ҳаракат вақте шикаст хӯрд, гурехта ба Туркия рафт. Дар университети ин кишвар муаллим шуд ва воқеаҳои ҳамон солҳоро аз назару мавқеи худ ба қалам дод. Инчунин, иштироки туркҳо ва хонадонҳои онҳоро дар Бухоро ва ин ҳаракатро тасвир намуд. Пулу силоҳро барои онҳо ба хотири ҷангу пирӯзӣ ва ташвиқу тарғибашон аз хориҷи кишвар: Туркия ва Англия мефиристоданд. Ӯ таассуф аз он меҳӯрад, ки аз ҳама имконоти фароҳамоварда истифода карда натавонистанд ва дар натиҷа шикаст хӯрданд. Ба ин тариқ, инро тарафдорони ҳаракати босмачигарӣ ҳаракати озодихоҳӣ медонанду баҳо медиҳанд ва ворид шудани Ҳукумати Шӯравиро зулму истисмор. Ин гуна нест.

Ҳар сол бо амри золимонаи аъзои девони кушбегӣ, масъулони андозҷамъкунӣ ба минтақаи кӯҳистони Бухорои Шарқӣ саросар мешуданду мисли мӯру малах ҳамаро меруфтанд. На мушти ғалла мемонду на як сар гову гӯсфанд. Низоми андозбандиро устоди зиндаёд Айнӣ дар романи «Дохунда» бо як вазоҳати нағз тасвир кардааст. Барои бардасозии инсонҳо аз нақшаҳои шайтонии чоряккориву қарздеҳӣ сӯистифода мекарданд. Дар қатори молу чорво, ин гурӯҳҳои ҳаросафкан, ки ҳеч фарқе аз роҳзанҳо надоштанд, хилофи каромати инсонӣ, ба одамрабоӣ низ машғул мешуданд.

Осиёи Миёна ба сабаби ихтилофҳои зиёде, ки дошт, дар нимаи асри XIX ба ду қисмат ё давлат ҷудо шуда буд: Яке бо номи давлати Туркистон ба ҳайати Россияи подшоҳӣ даромад. Ба ин давлат водии Фарғона, Самарқанд, Тошканд, тамоми Туркманистон, Қарақалпоқистон, Қирғизистон, Қазоқистон дохил мешуд. Қаламрави Бухоро давлати алоҳида маҳсуб мегардид. 48 дарсади тоҷикон дар Туркистон буданд. Бештари тоҷикон дар қаламрави Бухоро сукунат доштанд. Дар Туркистон тоҷикон ҳеҷ гуна қудрат надоштанд. Онҳоро ҳамчун миллат эътироф низ намекарданд. Баъдтар ба туфайли як гурӯҳи олимони варзидаи рус, ба монанди Хаников, Бартолд, Шишов, Павлов тоҷикон эътироф шуданд.

Дар Бухоро забон тоҷикӣ буд, аммо дар Туркистон забон туркӣ.

Ба андешаи ман, ки дар ин мавриду яку бетағйир аст: он бародарон ин гуна китобҳои ба тарғибу ташвиқи ҳаракати босмачигарӣ таълифёфтаро нахондаанд. Бе ин ҳам онҳо чун дар хусуси ҳаракати мазкур нахонда сухан мекунанд. Натиҷаашро бинанд. Чӣ натиҷа дод шикасти ин ҳаракат? Ва ҳатто ба Афғонистони ҳозира ҳам пешрафти моро муқоиса бикунанд. Агар ҳаракати босмачигарӣ пирӯз мешуд, чӣ натиҷа ба бор меовард? Дар Афғонистони имрӯза лозим шуда истодааст, ки халқи тоҷик соҳибмамлакат будани худро ба ҷангу ҷидол ба исбот бирасонад. Ҳол он ки бо таъсиси давлати Хуросон, тавре пештар изҳор доштам, тоҷик буданаш аён буд. Вале дар Бухоро тоҷику паштуро тоҷику пашту намегуфтанд. Ҳамаи халқҳои дигарро ҳам ба номи турк ёдоварӣ мекарданду ба забон меоварданд.

Забони давлатиро махсус, қасдан форсӣ мегуфтанд, то ки бегона будани ин забонро барои Осиёи Миёна таъкид бинамоянд, на барои он ки форсӣ машҳур аст. Дар Бухорову Самарқанд маҳаллаҳои алоҳидаи форсҳо буд, ки онҳоро порсиён мегуфтанд. Ҳамин тавр, бо ном бурдани забони форсӣ забони ин мардумро дар назар доштанд. Ин ҳамаро шикаста, аслро бар ҷойи худ монда, мардуми тоҷик, ӯзбек, қазоқ, қирғиз, туркман, бигзор бо ёрии аскари сурх ҳам бошад, системае ба вуҷуд оварданд, ки дар он манфиатҳои миллиашон ифода мешуданд, мепиндорам, ки чизи хуб аст. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ ба таъкид иброз доштанд, ки Инқилоби октябр ба ташкилшавии давлати Шӯравӣ заминаи аввали истиқлолиятеро гузошт, ки соли 1991 соҳиб шудем ва ҳамаи имконоту пешрафти мо ба ҳамин давлати пешин вобастагӣ дорад.

Оё Тоҷикистон агар дар ҳамон даврон дар системаи советӣ якҷоя намебуд, имкони истиқлолият ба вуҷуд меомад? Албатта, не! Мо, ки қисми таркибии давлати Шӯравӣ будем, бо барҳам хӯрдани ин давлат имкони истиқлолиятро ба даст овардему ба ин натиҷаи неку назаррас расидем. Давлати Шӯравӣ як қадами мусбат барои расидан ба истиқлолияти имрӯзаи мо буд. Ин ба он сабаб пойдор монд, ки ҳаракати босмачигарӣ шикаст хӯрд. Ва мардум дарк кард, ки босмачиҳо на дӯст, балки душманони халқи мо ҳастанд, барои на танҳо тоҷикон, балки барои ҳамаи халқҳои меҳнаткаши Осиёи Миёна.

Аксар вақт дар бораи чӣ нағзу чӣ бад зиёӣ сухан мегӯяд. Дуруст аст, ки зиёӣ ақли халқ, миллат аст. Аммо зиёиҳои мо бояд барои худ дарк бикунанд, ки солҳои 1991 – 1993 дар муқобили зуҳуроти номатлуби давр, қувваҳои иртиҷоӣ овоз баланд карда тавонистанд? Имрӯз чӣ даъво мекунанд?

Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатареро, ки аз ҳаёҳуйҳо ба сулҳи тоҷикон меравад, возеҳ дар Паёми имсолааш ба Парлумон ироа кард, ки: “Мо даҳшати ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки душманони миллати тоҷик ба сари мо таҳмил карда буданд, ҳаргиз фаромӯш намекунем ва ба итминон изҳор медорем, ки мардуми мо дигар ба доми душманону бадхоҳони миллат, ки то ҳанӯз аз ҳадафҳои ғаразноки худ даст накашидаанд, гирифтор намешаванд” (саҳ. 40-41).

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатареро таъкид кард, ки: “Дар шароити ҷаҳони пурҳаводиси муосир бисёр муҳим аст, ки ҷавонони мо мисли солҳои 90-уми асри гузашта, фирефтаи таблиғоти нерӯҳои ифротгароии динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд. Ҳамеша зираку ҳушёр ва барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик ва давлати тоҷикон омода бошанд” (саҳ. 34).

Ин таъкиди Президенти кишвар ба он вобаста аст, ки дар замони ҳозира “хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳон афзоиш ёфтааст”.

Ташвише, ки Пешвои миллат аз вазъияти ҷаҳони муосир, аз ҷумла: “Кӯшишҳои аз нав тақсимкунии ҷаҳон, мусаллаҳшавии бошитоб, қудратталабӣ... ҷаҳонро ба марҳалаи нави ҷанги сард кашониданианд” дорад ва муносибати дурбинонаи ӯ нисбати ин воқеаҳо чунон ақидаашро пеш меоранд, ки: “Диққати асосӣ бояд ба пешгирӣ намудани терроризму экстремизм, шомилшавии шаҳрвандони мамлакат ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва ба Ватан баргардонидани шахсони гумроҳшуда равона карда шавад”.

Ман душманони ҳам ин давлат ва ҳам он давлатро аз наздик дида будам, бо онҳо суҳбат низ доштам ва онҳоро бисёр хуб мешиносам. Як қиссае навишта будам, қаҳрамонаш аз мӯйсафедҳои ҳамсояамон ба ҳисоб мерафт. Ӯ ҳеҷ намехостааст, ки аъзои колхоз бишавад. Муллоҳо онҳоро чунин фатво медоданд, ки аъзо нашаванд, агар ҳам як дасту пояшонро бибуранд. Дар сурати буридани ҳар ду дасту по чун аъзогиро бипазиранд, гунаҳгору кофир намешаванд.

Бо шикасти ҳаракати босмачигарӣ даштҳои бекорхобида азхуд шуда, онҳоро шодоб сохтанду мавриди истифода қарор доданд. Аз як деҳа ба деҳаи дигар сохтани роҳ оғоз шуд. Мактабҳо бунёд ёфтанд. Марказҳои тиббӣ таъсис ёфтанд. Ҳамин тавр, натиҷа мусбат буд. Ман гумон мекунам, онҳое, ки ин ҳама ҳангомаву ҳаёҳуйро дар атрофи ҳаракати босмачигарӣ ба вуҷуд овардаанд, дар суроғу талаби манфиатҳои худ ҳастанд.

Албатта, ман ҳам мехоҳам, ки ҳақиқати таърихӣ ошкор ва бойгониҳо, архивҳо кушода шаванд. Кушодану дастрас гардидани архивҳо дар ҳеҷ сурат ба манфиати онҳо нахоҳад буд, балки даҳшату ваҳшат ва куштори бераҳмонаву ғорату дуздиву фаҳши босмачиҳоро ошкор месозанд. Архивҳо дар Тоҷикистон нестанд, дар Маскаву Санкт – Петербурганд. Аз ин рӯ, мо бояд аз он шукр кунем, ки саҳифаи таърихи шӯравии мо саҳифаи мусбат буд. Ва он барои боз ҳам беҳтар шудани сарнавишти халқи тоҷик дар замони истиқлолият заминаи хубе гузошт. Ба туфайли ин саҳифа миллати тоҷик дар Осиёи Миёна эътироф шуд. Бисёр халқҳое ҳастанд, ки аз мо ба шумора зиёдтаранд, аммо дар солҳои 20 – ум, ки дар замони тақсимоти дунё пуштибон надоштанд, миллат шуда натавонистанд. Масалан, курдҳо. Онҳо қариб 50 миллион нафаранд, лекин миллати курд, давлати курд нест. Мо ба туфайли воқеаҳои солҳои 20 – уми асри гузашта соҳиби забону давлат гардидем. Аз ин зиёд боз чӣ мехоҳем? Бахти баланд моро ёр гардид. Барои ҳамин вазифаи насли имрӯзаи мо, зиёиёни мо иборат аз он аст, ки ба таърих, ба гузашта ва ҳодисоти он бо чашми хирад бинигаранд. Агар ба чашми хирад, ба чашми адолат нигоҳ бикунанду ҳақиқатро дуруст дарёбанд, ҳаргиз дар хусуси он бадгӯӣ намекунанд.

Босмачиҳо силоҳе буданд, ки барои аз ҳаракат боздоштани чархи таърих истифода мешуданд. Яъне мехостанд Аморати Бухороро пойдор нигоҳ доранд, Аморат ки монд, халқи қашшоқ боқӣ мемонд. Миллатҳо мустақил намешуданд, “миллати ягонаи ислом” барояшон кифоя мешуд. Ин “миллати ягона” чӣ қадар миллату халқиятҳоро аз байн бурд, таърих фаромӯш накардааст. Вай ба мавҷудияти тоҷикон ҳам таҳдид мекард, мехост номи тоҷик аз рӯйи замин руфта шавад. Сарзамини ин халқ ҳамеша бе номи миллат як ҷузви кучаки давлати бегонагон бошад.

Босмачиён фиреб додан мехостанд, ки халқи меҳнаткаш дӯстро аз душман фарқ накунад. Бо корбурди истилоҳи “ислом” ва ба он муқобил гузоштани вожаи нописанди “кофир” мехостанд мардумро гумроҳ кунанд ва аз он ҳукумати наве, ки бунёд мешуд дур созанд, зеро дар таблиғашон амир мусулмон буду душманони амир кофир.

Дар назари босмачипарастон мардуми озодихоҳи Бухорову Туркистони аввали асри XX, онҳое, ки баъди ҳазор сол аз нав давлатдор шуда, халқашонро - тоҷикро номдор, давлатдор ва забондор кардан мехостанд, гӯё бегонапраст буданду бо пулу ёрии русҳо ба мақсади худ расидаанд, аммо босмачиҳо “мусичаи бегуноҳи худӣ” будаанду ёрии молӣ, пулӣ, силоҳ аз хориҷиҳо – англисҳо, туркҳо, белогвардетҳои рус гирифтаи онҳоро касе намедонад, гӯё ба камонғӯлак ҷанг карда бошанд. Наход каси содае бошад, ки бовар кунад, ки босмачиҳои идеологияи ғайритоҷикӣ ва ғайримиллидошта қотил не, навозишгару парастори халқу миллати мо бошад.

ВАО-и Британияи Кабир дар он замон Иброҳимбекро шоҳзода (Prince Ibrahim-Bek) номида, бо ҳар роҳ таъриф мекард. Таърихшиносон низ иштироки ҷосусони британиёиро дар ҳамкорӣ бо ҳаракати босмачиён рад намекунанд. Айни замон хотираҳои кормандони разведкаи ҳарбии Британия, ки ҳамон вақт фаъолият менамуданд, ифшо гардидааст.

Бо истинод ба ин иттилоъ, кӯмаки босмачиҳо бо сиёсати умумии зиддишӯравӣ, ки аз ҷониби Форин Оффис (Вазорати корҳои хориҷӣ) ва мақомоти разведкавӣ амалӣ мешуд, вобастагӣ дошт. Ба нишондоди онҳо, ҳаракати гвардиячиёни сафед дастаи босмачиҳоро бештар дастгирӣ мекардааст. Бар зимми ин, ҳаракати болшевикҳо бозиҳои хатарноки дуҷонибаро дар ин қазия пеш мебурд ва ғайримустақим ба афроди алоқаманди Иброҳимбек, ки нақшаҳои зиддишӯравӣ дошт, хабар медоданд, то сари вақт аксуламал нишон диҳад.

Ба ақидаи олими тоҷик Иркаев М. роҳбарият ва ҳайати қатории босмачиҳо, аз ҷумла, аъзоёни гурӯҳи Иброҳимбек аз ҷониби низомиёни англис ва афсарони хадамоти разведкавӣ, ки барои идоракунӣ, банақшагирӣ, масъалаи молиявӣ масъул буданд, ҳамоҳанг карда мешуд. Аз ҷониби дастурдиҳандаҳои британиягӣ тарзи фаъолияти хоси тахрибкорӣ (Do it myself - ҳамчун ман бошӣ), омӯзонида мешуд. Босмачиҳо бо милтиқ, пулемёт ва дигар аслиҳа аз анборҳои ҳарбии Британия таъмин мегардиданд. Ба фикри Иркаев бинобар бесаводии мутлақи Иброҳимбек, ӯ иқтидори ташкили тамринҳо ва истифодаи имкониятҳои ҳарбиро надошт.

Ҳамон иштибоҳи такрориеро ба ёд меорад, ки ҳизби мамнӯи террористии наҳзат дар шароити кунунӣ ба абзори дасти хадамоти махсуси кишвари хориҷӣ табдил ёфтааст.

Таърих ҳақиқатро мепарастад. Бузургии ин илм дар он аст, ки вакте гузаштаро меомӯзем, имрӯз дақиқ ва оянда муайян мешавад. Тавре маълум шуд, босмачигарӣ харакати зиддимиллӣ, зиддитоҷикӣ буд. Тавассути пул, мол ва пуштибонии маънавии бегонагон – душманони миллати тоҷик ташкил шуда буд. Ҳоло хам айнан хамин тавр аст. Дар ин чо сирри дигаре нест. Ва буда ҳам наметавонад. Оне, ки наҳзатиҳо босмачигариро тарғиб мекунанд, барои мардум айни муддаост. Хуб аст. Зеро акнун худи онҳо бо забони хеш ниҳод, ҷаҳонбинӣ, маънавиёти худро фош мекунанд. Он коре, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ карданд, айнан як намуди ҳаракати босмачигарӣ дар шароити нав буд. Ҳамон қатл, ғорат, одамрабоӣ ва ғайра. Маҳз барои ҳамин мардум, махсусан ҷавонон бояд хушёр бошанд. Касе ҷонибдори босмачигарӣ аст – ҷонибдори ҳаракати «Давлати исломӣ» аст, ки намунаашро мо дар Ироқу Сурия мебинем. Дигарбора набояд мардум гумроҳ шавад.

Дар китоби рӯймизии ҳар тоҷики оқил «Маснавии маънавӣ» омадааст: «Эй бародар, барои он ки худро бишносӣ, ки аз кадом ҷинсӣ, хуб ҳастӣ ё бад, нигоҳ кун, ки ҷазби чӣ чиз мешавӣ ва ба сӯйи кӣ меравӣ ва аз суҳбати чӣ касе масрур мегардӣ ва хулоса бингар, ки бо кадом гурӯҳӣ». Ё ба иборати дигар:

*Гар ба Ҳомон моилӣ ҳомонӣ,*
*Гар ба Мӯсо моилӣ субҳонӣ.*

Ононе, ки босмачипарастӣ мекунанд, мардуми содаеро, ки аз ҳақиқат камтар хабар доранд, ба фиреби ҳимояи ислом ҳамчун “муҷоҳид” ба сари халқҳои мусулмони Ироқ, Ливия, Сурия, ҳатто қисматеро ба Афғонистон равона карданд ва ин мулкҳои оромро ба қурхонаи оташи ҷанг гирифтор карданд ва боз чӣ мехоста бошанд?

Ҳофизоне, ки имрӯз боз бо ин оҳанг суруд мехонанд, гумон мекунанд, ки халқи имрӯзаи тоҷик, мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар фаҳмиши сиёсат ҳамон кӯдаки сад сол пеш аст, ки ба торҳои имрӯз танидаашон гирифтор мемонад. Хестед, ки хобетон.

Ман суханеро, ки дар аввалҳои наздик омадани сулҳ дар Тоҷикистон Раиси КОМ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ гуфта буд, ёд меорам: “Бале, хеле куштем, хароб кардем, акнун бояд саъй кард, то эҳё кунем, обод кунем.” (Муҷаддиди аср, саҳ. 31). Чунин эътироф барои тамоми нахзатиҳо, аъмоли онхо дарс ва барои мардуми тоҷик хушдор бошад, ки дигарбора дӯстро аз душман фарқ кунем. Давлате созем, ки дар он маънавиёти миллати тоҷик, чаҳонбинии миллии мо арзишманд бошад, на ҷаҳолат ва бозгашт ба зулмоти асримиёнагӣ, ки наҳзатиҳо бо дастгирии аҷнабиён дунболи он мегарданд.

**Бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият»**
*31 январи соли 2019, №24*

## ЭЪЛОНИ ОЗМУН

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба кор қабул намудани кормандони шартномавӣ ба ҳайси маъмури терминалҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар назди нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Шоҳмансур, Ҳисор, Бобоҷон Ғафуров, Гулистон, Истаравшан, Исфара, Мастчоҳ, Спитамен, Зафаробод, Айнӣ, Бохтар, Вахш ва Панҷ (бо маоши моҳонаи 600 сомонӣ) озмун эълон менамояд.

Дар озмун шахсони дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ, ки қонунгузории андозро омӯхтаанд ва маҳорати кор бо барномаҳои компютерӣ, аз ҷумла тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андозро доранд, метавонанд довталабӣ намоянд.

**БА ОЗМУН ҲУҶҶАТҲОИ ЗЕРИН ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД:**

- *ариза ба унвони роҳбари мақомот;*
- *варақаи шахсӣ (бо дасти худ пуркардашуда) бо 2 дона расми 4х6;*
- *тарҷумаи ҳол (бо дасти худ пуркардашуда);*
- *нусхаи шиноснома;*
- *нусхаи ҳуҷҷатҳо (диплом) дар бораи таҳсилот;*
- *нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);*
- *маълумотномаи тиббӣ (шакли № 038);*
- *нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ бошад);*

Ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун то 1 марти соли 2019 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев - 42/2 қабул карда мешаванд.

**Маълумоти иловагӣ бо телефони 233 - 06 - 83**

## ЭЪЛОН

**КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз"-и назди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли вазифаи холии зерин ОЗМУН (сӯҳбат) эълон менамояд.**

1. Барномасоз дар шаҳри Душанбе – 2 нафар

**Талаботи озмун:** Таҳсилоти олии техникӣ, донистани забони барномасозии HTML/CSS/JS, C#, VB.NET, SQL, ва API, донистани забони давлатӣ.

2. Маъмурикунандаи технологияҳои иттилоотӣ дар шаҳри Душанбе– 2 нафар

**Талаботи озмун:** Таҳсилоти олии техникӣ, таҷрибаи кор бо системаҳои амалиётии Windows Server 2012-2016, Linux, BSD. Системаҳои маҷозӣ VmWare 6.0-6.5, Xen, Qemu. Таҷҳизоти техникӣ коммутаторҳо ва маршрутизаторҳо Cisco, HP, Del ва Huawei. Амнияти иттилоотӣ Cisco, CheckPoint, Sophos, Fortinet. Донистани забони давлатӣ.

**Ба озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- *резюме*
- *нусхаи шиноснома;*
- *нусхаи ҳуҷҷатҳо (диплом) дар бораи таҳсилот;*
- *нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ бошад);*

Ҳуҷҷатҳоро барои иштирок (сӯҳбат) то 28 феврали соли 2019 ба суроғаи электронӣ noalyamova@andoz.tj, dboboev@andoz.tj ирсол намоед.

**Телефон барои тамос: 233-08-55, 918-65-84-64, 918-10-41-04**

## МУЗОЯДА

**Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоядаи №1-ро тибқи тартиби «англисӣ» баргузор менамояд. Фурӯши воситаҳои асосӣ ва иншоотҳои ҶДММ «Сатурн онлайн»-и шаҳри Душанбе инҳо мебошанд:**

| № | Номгӯи воситаҳои асосӣ | Соли ба истифода додашуда | Миқдор (адад) | Нархи фурӯши музоядавӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Cisco 5300 | 2015 | 1 | 162000 |
| 2 | Cisco 5400 | 2015 | 1 | 79920 |
| 3 | Кондиционер «LG» в комплекте | 2009 | 1 | 787 |
| 4 | Шкаф однодверный | 2009 | 1 | 498 |
| 5 | Кондиционер «LG» в комплекте | 2011 | 1 | 800 |
| 6 | Кондиционер CREE-KFR-120 | 2011 | 1 | 2338 |
| 7 | Персональный компютер | 2010 | 1 | 920 |
| 8 | Нетбук ASUS Eee PC 701-2G | 2010 | 5 | 1465 |
| 9 | Кондиционер «Samsung az-12 PHASER» В комплекте | 2011 | 1 | 800 |
| 10 | Кондиционер «09» AANK в комплекте | 2011 | 4 | 4000 |
| 11 | Диван | 2011 | 1 | 450 |
| 12 | Кондиционер CREE | 2015 | 1 | 8714 |
| 13 | Кондиционер CREE | 2012 | 1 | 1200 |
| 14 | Кондиционер «12» в комплекте | 2013 | 1 | 1056 |
| 15 | Стойка мебельная | 2013 | 1 | 1911 |
| 16 | Компютер в комплекте | 2013 | 2 | 2250 |
| 17 | Компютер в комплекте | 2013 | 1 | 875 |
| 18 | Мебель тройка | 2013 | 1 | 1764 |
| 19 | Внешний блок Претензионного Кондиционера UCM 503 B | 2014 | 2 | 3332 |
| 20 | Диван | 2012 | 1 | 485 |
| 21 | Диван | 2014 | 1 | 2010 |
| 22 | Инвертор | 2015 | 1 | 986 |
| 23 | Инвертор | 2006 | 1 | 33600 |
| 24 | Монитор «LG» | 2007 | 1 | 191 |
| 25 | Монитор | 2009 | 1 | 110 |
| 26 | Персональный компютер | 2011 | 1 | 460 |
| 27 | Монитор LG 17555 | 2010 | 1 | 170 |
| 28 | Выпрямитель Emerson PF48350-1B/25 | 2010 | 1 | 8848 |
| 29 | Персональный компютер | 2010 | 14 | 12000 |
| 30 | Монитор Samsung 920 W | 2011 | 1 | 192 |
| 31 | Monitor LG W1942S | 2011 | 1 | 162 |
| 32 | Персональный компютер (MB G31/CPU 5300/ RAM) | 2011 | 1 | 602 |
| 33 | Инвертор фарность 1500W 481220 | 2010 | 13 | 3731 |
| 34 | Cisco SCE 2020 Service Control Engine Vulti Mode | 2009 | 1 | 9440 |
| 35 | Spliter Card | 2009 | 15 | 1350 |
| 36 | 72 ports ADSL2+Line card | 2010 | 4 | 3692 |
| 37 | Принет Canon 4410 | 2011 | 1 | 307 |
| 38 | Персональный компютер | 2011 | 1 | 455 |
| 39 | ALS 1272-51 ports ADSL2+ Line card | 2011 | 5 | 4615 |
| 40 | Switch Dlink DSE 3528 | 2011 | 100 | 13500 |
| 41 | Персональный компютер (Asrock/ Dualkore2.5/2GB) | 2010 | 1 | 3200 |
| 42 | Беспроводной мост с антеной | 2011 | 1 | 220 |
| 43 | Персональный компютер (+монитор и принтер) | 2011 | 1 | 800 |
| 44 | LCD Монитор AOS 19.917W | 2011 | 4 | 252 |
| 45 | Zyxel ALS 1272G-51-port ADSL Line module | 2011 | 5 | 5095 |
| 46 | Zyxel 1ES0165 ST Spliter cabinet | 2011 | 6 | 3132 |
| 47 | Cisco PIX-515-R DMZ-BUN | 2011 | 2 | 2256 |
| 48 | Zyxel 1ES 1000 DSLAM cabinet | 2011 | 1 | 216 |
| 49 | Zyxel AMM 1212-51-port ADSL2+ Line module | 2011 | 1 | 655 |
| 50 | Zyxel 1ES 6000 DSLAM cabinet | 2011 | 3 | 3855 |
| 51 | Zyxel 1ES 2500 DSLAM cabinet | 2011 | 1 | 449 |
| 52 | Zyxel 1ES 1248 DSLAM Boundle | 2011 | 5 | 5215 |
| 53 | Zyxel MSC 1024G management module for 1ES 6000 | 2011 | 3 | 3276 |
| 54 | Zyxel AMM 1008 8-port ADSL2+ Line module | 2011 | 3 | 1092 |
| 55 | Cisco 7204 MPE 400 | 2011 | 1 | 1200 |
| 56 | Ноутбук Sony 15,6 дюйма | 2012 | 1 | 1059 |
| 57 | Ноутбук SUSK 53 | 2012 | 1 | 1181 |
| 58 | Cisco SCE 2020-4 GBE MM Tested | 2012 | 1 | 10540 |
| 59 | Персональный Компютер | 2012 | 2 | 2400 |
| 60 | Ноутбук ASER | 2013 | 1 | 1970 |
| 61 | Выпрямитель PS48300/30 EMERSON | 2015 | 2 | 89600 |
| 62 | Выпрямитель EMERSON PS160/1A | 2015 | 1 | 112000 |
| 63 | Комплект наземной приемопредающей станции | 2005 | 1 | 19583 |
| 64 | Комплект наземной приемопредающей станции 1 | 2005 | 1 | 8089 |
| 65 | Комплект наземной приемопредающей станции 2 | 2006 | 1 | 4595 |
| 66 | Комплект наземной станции RTN 810/820-IDU | 2010 | 1 | 28992 |
| 67 | Линейно-кабельная линия связи Рудаки 57 Бухоро 47-Ист | 2015 | 1 | 59360 |

Музояда санаи 27 феврали соли 2019 соати 10-00 дар суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи 82, бинои Нозироти андозсупорандагони калон гузаронида мешавад.

Иштирокчиёни музояда уҳдадоранд, дар ҳаҷми 5 фоиз арзиши амволи ба фурӯш гузошташуда ба Комиссияи музоядаи мақомоти андоз пардохти кафолатнок супоранд. Бақайдгирии иштирокчиён аз лаҳзаи чоп шудани хабари мазкур то соати 09-00-и санаи 27 феврали соли 2019 дар суроғаи номбурда гузаронида мешавад.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ бо телефони 2-35-74-80 ба Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон занг занед.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «АС» (РЯМ 0410006841, РМА 040014079) воқеъ дар ноҳияи И.Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Таъмиргоҳи Умед» (РЯМ 0310013055) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ошхонаи Қалб» (РЯМ 0410025831) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Фуруғи Душанбе 2016» (РЯМ 0410029804, РМА 040050886) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Бобои Азиз 1» (РЯМ 3510005345) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Субҳи пурнур» (РЯМ ) воқеъ дар шаҳри Исфара, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи ғайритиҷоратии боғдори ва полезкори «Саричашмаи Деҳмой» (РЯМ 6110002874), воқеъ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Экогаз» (РЯМ 3310003650) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Сарбандлада» (РЯМ 3910000426) воқеъ дар шаҳри Левакант, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Заргарон» (РЯМ 2910000125) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Салимов Асадуло (РЯМ 0330016528), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нарзиева Ихтиёр (РЯМ 0330166385), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғоибов Қурбоналӣ (РЯМ 0330098093), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шокиров Меҳроҷ (РЯМ 0331387449), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Асоева Клиямоҳ (РЯМ 0530128345), аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирзоева Орифахон (РЯМ 5530057583), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Иномҷонов Зарифҷон (РЯМ 5530229944), аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Асоев Шайдулло (РЯМ 0331279410), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Содиқов Ҷоми (РЯМ 0330176835), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қавмиддинов Баҳодирхон (РЯМ 0730043014), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Нурматова Санобар (РЯМ 0730073172), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Джураев Икром (РЯМ 0730059046), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Буронов Тоштемур (РЯМ 0730044902), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Одинаев Муҳаммадҷон (РЯМ 1830084865), аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Аюбов Салим (РЯМ 6230178158), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мироқилов Бахтиёр (РЯМ 6230016293), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ЭЪЛОН

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андозсупорандагон ва шахсони ҳуқуқӣ даъват ба амал меорад, ки ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли зисти худ муроҷиат намуда, барои ташаккул додани сармояи оинномавӣ ва ворид кардани маълумоти он ба Феҳристи ягонаи давлатӣ мусоидат намоянд.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муҳамадиев Далер (РЯМ 6230035341), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шодиев Акбарджон (РЯМ 6230035314), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қаландаров Усмон (РЯМ 0530191906), аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**Шаҳодатномаи Фонди хайриявии «Содействие» ва РМА-и корхона таҳти №020031684, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## Андоз ва андозбандӣ дар замони барқароршавии сотсиализм

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Бар ивази андоз аз нишони давлатӣ андоз аз гардиши ашёи қиматбаҳо маъмул гардид. Андоз аз нишони давлатӣ то соли 1930 амал кард ва пас аз гузаронидани ислоҳот андоз барҳам хӯрд.

Вазифаҳо оид ба ғанӣ гардонидани буҷетҳои маҳаллӣ, васеъ гардидани ҳуқуқҳо ва ҳавасмандсозии ташаббуси шӯроҳои маҳаллӣ дар рушду такомули хоҷагӣ ва маданияти маҳаллӣ таҷдиди назари андозҳо ва пардохтҳои маҳаллиро тақозо мекарданд. Мувофиқи низомнома оид ба молияи маҳаллӣ (қабулаш 25 апрели соли 1926) ба шӯроҳои маҳаллӣ ҳуқуқ дода шуд, ки мутобиқи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ андозҳои зерини маҳаллиро ҷорӣ намоянд: андоз аз иншоотҳои сохтмонӣ; андоз аз борҳое, ки тавассути роҳи оҳан ва роҳҳои обӣ интиқол меёфтанд; андоз аз амалиёт дар биржаҳо; андоз аз корхонаҳои истеҳсолкунандаи тилло.

Ин чор андози нисбатан калон дар миқёси умумииттифоқӣ танзим мешуданд. Мувофиқи қонунгузории ҷорӣ объектҳои андозбандишаванда, ҳаҷми андозу имтиёзҳо таъин гардиданд. Дар асоси Низомнома оид ба молияи маҳаллӣ мувофиқи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тартиби андозбандӣ бо ин андозҳо муайян гардид.

Дар охири давраи барқарорсозӣ ва дар замони индустриализатсия тақрибан ҳамаи низоми аксизҳоро аз нав диданд. Баъзе аксизҳо барҳам хӯрданд, бисёрашон бозсозӣ гардиданд, ба баъзе молҳои ғайриистеъмолӣ ба таври иловагӣ аксиз дода шуд.

Соли 1926 ҳаҷми маблағи аксизҳо барои молҳои навъи олии истеҳсоли ватанӣ ва хориҷӣ баланд гардид. Соли 1927 ба маҳсулоти парфюмерӣ ва косметикӣ аксиз ҷорӣ шуд.

Дар солҳои 1927 – 1928 ба сабаби ҷорӣ намудани аксиз ва баланд шудани арзиши он нисбат ба баъзе молҳо, махсусан, молҳои мавриди ниёзи омма аксиз барҳам хӯрд. Баъзе аксизҳо ба сабаби аз ҳад зиёд кам шудани воридот ба хазинаи давлат барҳам дода шуданд.

Ба таври марказонидашуда ситонидани аксиз аз корхонаҳои ба трест мубаддалгардида соли 1928 оғоз ёфт. Мувофиқи тартиби нав ҳисоб кардан ва пардохти аксизҳо аз ҷониби мақомоти идораи трестҳо бар асоси ҳисоботи хоҷагии корхонаҳо сурат мегирифт. Баҳисобгирии махсуси маҳсулоти аксизшаванда мавқуф гузошта шуд. Шарти асосӣ барои ҷорӣ намудани тартиби марказонидашуда ҳамон ҳолати хоҷагидорӣ дар назар дошта мешуд, ки маблағи аксизҳо пурра ба хазина ворид шавад. Дар ҳолати риоя нашудани ин талабот ба Комиссариати халқии ИҶШС ҳуқуқ дода мешуд, ки тартиботи марказонидашударо ҷорӣ накунад.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир Исломов «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

*Аз ҳар хусус*

## Шоколад - начот аз инфаркт ва инсулт



Олимон ҳамаи маълумоти интишоршударо доир ба истеъмоли шоколад ва бемориҳои дилу раг таҳлил карданд. Дар ин пажӯҳиши хеле васеъ қариб 158 ҳазор одам ширкат варзид. Илова бар ин, баъзе озмоишҳо хеле тӯл кашида, то 12 сол идома ёфтанд.

20 дарсади иштирокдорони пажӯҳиш гуфтаанд, ки умуман, шоколад истеъмол намекунанд, 80 дарсади боқимонда дар як рӯз на камтар аз 7 грамм шоколад мехӯранд. Ҳамчунин, буданд одамоне, ки дар як рӯз 100 грамм шоколад мехӯрдаанд.

Таҳлили натиҷаи пажӯҳишҳо муайян кард, ки одамоне, ки бисёр шоколад истеъмол мекунанд, ҷавонтар ба назар мерасанду гирифтори бемориҳои диабети қанд намешаванд. Муҳимтар аз ҳама, давоми 18 соли таҳқиқот аз байни одамони шоколадхӯр фақат 14 дарсадашон ба бемории инсулт ва бемории ишемии қалб гирифтор шудаанд.

## Оё медонед?



Аз ҳама суръати баландтарини Интернет дар Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ мебошад.



Дар Фаронса занҳо то 21 апрели соли 1944 ҳуқуқи овоз додан дар интихоботро надоштанд.

## КОРРЕКТОР

**Оё шумо медонед, ки корректор (штрих)-ро барои ислоҳи хатоҳо зани амрикой кашф кардааст?**

Соли 1951 Бэт Грэм барои таъмини рӯзгори хеш ба ҳайси котиба ба корхонае шомил гардид. Аз сабаби он ки Бэт дар ин кор таҷрибаи кофӣ надошт, саҳифаҳои чопнамудааш саросар пур аз хато мебаромад ва барои ин ҳамеша зери сарзаниш қарор мегирифт. Ӯ маҷбур шуд баҳри ислоҳи хатоҳояш аз ранги сафеди темперӣ истифода намояд. Ошхона ва гаражи хонаашро ба озмоишгоҳ табдил дода, барои беҳтар намудани сифати корректор ҳар гуна санҷишҳо гузаронд. Дар андак муддат ихтирои хешро бо номи «коррек-тори хатоҳо» баҳри фурӯш ба ширкати IBM пешниҳод намуд, вале ширкат онро рад кард. Аз ин гуна сурат гирифтани кор Бэт Грэм рӯҳафтода нашуда, номгӯи маҳсулоти хешро дигаргуна, яъне «коғази моеъ» монда, истеҳсол ва фурӯши онро дар гаражи худ роҳандозӣ кард. Тӯли 17 сол бо ин кор машғул шуда, хеле муваффақ ҳам гардид.

Соли 1979 ширкати «Gillette» ба маблағи 47,5 миллион доллар иҷозатномаи истеҳсол ва фурӯши ин маҳсулотро аз Грэм харид. Айни замон истеҳсоли корректор аз ҷониби ширкатҳои гуногун ба роҳ монда шудааст, аммо номи Бэт Грэм ҳамчун нахустихтироъкор дар таърих боқӣ монд.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Касе, ки меҳоҳад дар дунё ҷафо набинад, аз дунё ва аз аҳли дунё вафои интизор нашавад.

xxx

Душмане, ки бо дили кушод ҳарф мезанад, аз дӯсте, ки даруназ бозорӣ аст, беҳтар аст.

xxx

Одами боқувват ба як нафар ғолиб меояд ва одами доно ба ҳазорон нафар.

xxx

Ҳеҷ вақт зиқ машав, ки соҳиби чизе нашудай, агар дар қисматат бошад, рӯзе онҳо худашон туро меёбанд.

xxx

Ҷудо кардани вақт барои фарзанд беҳтарин тухфа аст.

xxx

Аз қаҳру ғазаб дурӣ ҷӯед, зеро оғозаш девонагӣ асту анҷомаш пушаймонӣ.

## Панди рӯзгор



Падаре ба духтараш ҳангоми гузаштан аз болои пул мегӯяд:

- Дастамро бигир, духтарам, боз ба дарё наафтӣ.

Духтар мегӯяд:

- Не, падар. Шумо дасти маро бигиред.

Падар ҳайрон шуда мепурсад:

- Духтарам, чӣ фарқе дорад?

Духтар мегӯяд:

- Фарқи зиёде дорад. Агар ман дасти шуморо бигирам бияфтам, дастамро аз дастатон ҷудо карда метавонам. Аммо, агар шумо дасти маро бигиред, медонам, ки чун бияфтам, дастатонро аз дастам ҷудо намекунед.

## 19 КГ ВАЗНУ 16 МЕТР ДАРОЗИИ МӮЙ

**Аша Мандела соҳиби мӯйи дарозтарин ба ҳисоб меравад.**



Вазни мӯйи ӯ 19 килограмм буда, дарозиаш 16,7 метрро ташкил медиҳад. Аша мӯйи худро ҳафтае як бор мешӯяд. Барои шустан шаш шампун истифода мекунад. Баъд онҳоро ду рӯз хушк мекунад. Табибон ба ӯ буридани мӯйҳояшро тавсия медиҳанд. Аз вазнинии мӯй сутунмуҳраш кац шудааст. Ӯ ду маротиба инсулт, ду маротибаи дигар сактаи дилро гузаронда, бо саратон ҳам мубориза бурдааст. Ҳатто дар вақти қабули химиотерапия ҳам мӯяшро набуридааст. Аша бо мӯйи дарозаш дар ҷаҳон ном баровардааст. Барои дароз кардани мӯяш ӯ 25 сол сарф кардааст.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе

Индекс: 68930

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 67 707